Барои ваҳдат, рушди устувори иқтисодӣ
ва зиндагии шоистаи мардум!

# МИНБАРИ ХАЛҚ

www.hamsafon.tj
E-mail: minbarihalk@bk.ru

9 декабри
соли 2015,
чоршанбе,
№50 (1029)

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

## Иттилоия

### дар бораи баргузории Маҷлиси Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон



**Рӯзи 4 декабри соли равон тахти раёсати Раиси муаззами Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон, Президенти кишвар мухтарам Эмомалӣ Раҳмон Маҷлиси васеи Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон барпо гардид, ки дар он аъзои Кумитаи Иҷроияи Марказии ҳизб, аъзои Комиссияи марказии тафтишотии ҳизб, аъзои Фраксияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар парламент, роҳбарони як қатор кумитаҳои ҳизбии минтақаҳо, вазорату идораҳо, раисони вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо, намояндагони васоити ахбори оммаи ҳизбӣ иштирок доштанд.**

*саҳ. 3*



ТАҲДИДИ «ДИИШ» БА ИДЕОЛОГИЯИ МИЛЛӢ

*саҳ. 8*



ЧАРО ҚУРБИ ДОЛЛАР БОЛО РАФТ?

*саҳ. 9*



КАЪБА ҚАБЛ АЗ ИСЛОМ ҲАМ ИБОДАТГОҲ БУД

*саҳ. 11*



Дӯконҳои филмфурӯшӣ:

ТАБЛИҒГАРИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ Ё БЕГОНА?

*саҳ. 13*

Минбари халқ
9 декабри соли 2015,
№50 (1029)

# «ЗЕБУНИСО» - МУАССИСАИ ТОМАКТАБИИ ХУСУСӢ ДАР ШАҲРИ ДУШАНБЕ

**Субҳи 6 ноябр Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ноҳияи Шоҳмансури шаҳри Душанбе Муассисаи томактабии хусусии "Зебунисо"-ро ифтитоҳ намуд.**

Муассисаи мазкур барои 150 нафар дар як баст сохта шуда, дар он 35 нафар, аз ҷумла мураббияҳо, табибон ва дигар кормандони соҳа бо ҷойи кори доимӣ таъмин шуданд.

Масоҳати умумии муассисаи хусусии томактабӣ 2350 метри мураббаъ буда, барои бунёди он фармоишгар - Ҷамъияти дорои масъулияти маҳдуди "Континент - инвест" 3 миллиону 500 ҳазор сомонӣ сарф кардааст.

Дар муассисаи томактабии хусусии "Зебунисо" 7 утоқ, аз ҷумла синфхонаи таълимӣ, барои машғулиятҳои эҷодӣ, ҷойи машқи бадан ва ҳавзи шиноварӣ, ошхона ва бунгоҳи тиббӣ мавриди истифода қарор дода шуд.

Дар муассисаи томактабӣ хонаи махсус бо камераҳои назоратӣ омода шудааст, ки волидон метавонанд ба воситаи он аз ҷараёни таълиму тарбияи фарзанди хеш шинос шаванд.

# МАРКАЗИ СОЛИМГАРДОНӢ ВА ТАВОНБАХШИИ «ҲАЁТ»

**8 декабр дар ноҳияи Фирдавсии пойтахт Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон бинои боҳашамати Маркази муосири солимгардонӣ ва тавонбахшии "Ҳаёт"-ро ифтитоҳ намуд.**


www.president.tj

Қабл аз мавриди баҳрабардорӣ қарор додани марказ дар саҳни ҳавлии он Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон барои сохтмони парки обии болопӯшидаи замонавӣ санги асос гузошт.

Тавре итттилоъ доданд, парки обии болопӯшида барои истифодабарии он дар ҳамаи фаслҳои сол пешбинӣ шудааст.

Сипас дар ҳамин ҷо Президенти мамлакат Эмомалӣ Раҳмон дар вазъияти тантанавӣ бо буридани лентаи рамзӣ Маркази солимгардонӣ ва тавонбахшии "Ҳаёт"-ро, ки аз ҷониби соҳибкорони ватандӯст бунёд шудааст, ба истифода дод.

Бинои марказ аз 5 ошёна ва таҳхона иборат буда, он дар зарфи 10 моҳ бо сифати баланд, ҷавобгӯ ба меъёрҳои хизматрасонии дараҷаи 5 ситора сохта шуда, дар Тоҷикистон алҳол беҳтарину беҳамто аст. Ҷойи таъкид аст, ки шаҳрвандони Тоҷикистон барои баҳравар шудан аз чунин сатҳи хизматрасонӣ то ҳол ба хориҷи кишвар мераванд. Инак бори нахуст имкон фароҳам омад, ки чунин шаҳрвандон аз хизматрасонии дараҷаи 5 ситора дар дохили кишвар бархӯрдор бошанд.

Бо иқдоми соҳибкорон дар марказ наздики 300 нафар бо ҷойи кори доимӣ ва маоши хуб таъмин шудаанд. Мавриди зикр аст, ки марказ шабонарӯзӣ фаъолият карда, имкон аст дар 24 соат 2000 нафар мизоҷ аз хизматрасонии сатҳи баланд дар он баҳравар гарданд.

## Ҳодиса

# БАДАХШОН САХТ ЛАРЗИД

**Рӯзи 7-уми декабр дар Бадахшон замин сахт ларзид. Баъди заминҷунбии аввал, ки соати 12-50 дақиқа рух дод, дарс дар кулли муассисаҳои таълимӣ, литсейҳо ва донишгоҳҳо комилан қатъ гардид. Кормандони идораю муассисаҳо низ бар асари заминҷунбӣ корро чун ҳаррӯза идома дода натавонистанд. Баъди заминларзаи дуюм ҳама роҳи хонаашонро пеш гирифтанд.**

***Насима Рашидбекова, духтури сайёри Маркази "Ёрии таъҷилӣ" мегӯяд, ки баъди соати яки рӯзи 7-уми декабр кори мо нисбат ба рӯзҳои муқаррарӣ беш аз даҳ баробар зиёдтар шуд. Кулли мошинҳои марказ ба ҳар гӯшаю канори шаҳр равона гардиданд. Одамон ба бемориҳои ғашён, фишорбаландӣ ва дигар касалиҳои дил гирифтор шуданд. Чун кормандони мо хеле фаъол буданд, ҳар як беморро сари вақт ба беморхона мерасониданд, хушбахтона фоҷиае рух надод.***

***Аз идораи Ситоди ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании вилоят ба хабарнигори "МХ" гуфтанд, ки то пурра муйян шудани оқибатҳои хисороти заминларза маълумот дода наметавонем.***

***Ман танҳо ба он чиз такя мекунам, ки пагоҳии рӯзи 8- уми декабр дар маҷлиси Ситоди назди раиси вилоят оид ба заминҷунбӣ ба даст овардаам. Дар маҷлиси ситод иттилоъ дода шуд, ки дар водии Бартанги ноҳияи Рӯшон 2 мактабу 200 хона пурра валангор гардидаанду 300 хона қисман хароб гардида ва дар ноҳияи Шуғнон 2 мактаб қисман вайрон шудааст. Бар асари аз кӯҳ канда шудани сангпораҳо роҳи мошинагарди водии Бартанг маҳкам аст. Бар асари номуътадил будани вазъи ҳаво ҳаракати чархболҳо қатъ шудааст. Аз ноҳияи Мурғоб дар бораи хисорот хабаре нест. Коршиносон бар онанд, ки баъди заминларзаи рӯзи 6-уми феврали соли 1911, ки соати 23-ю 15 дақиқа ба вақти маҳаллӣ бар асари аз кӯҳи Музкӯл ҷудо шудани кӯҳпорае ва бастани роҳи рӯдхонаи Усой ба вуҷуд омада буд, дар қудрат ин заминларзаи дуюмин аст. Он вақт сокинони деҳаи Усой дар хоб буданд ва абадан зери об монданд. Танҳо 3 нафар Миртаиб Гургалиев, Сулҳаҳмад Карамхудоев ва Нашмид Карамхудоев, ки он шаб дар Усой набуданд, зинда монданд.***

**Лутфишоҳи ДОДО**

***Рӯзи 7 декабр, соати 12-50 дақиқа ба вақти маҳаллӣ дар Тоҷикистон замин ҷунбид, ки бар асари он як нафар ҳалок, даҳ тан маҷрӯҳ ва чанде аз биноҳои истиқоматӣ вайрон шудаанд. Бар асоси иттилои Муассисаи илмии Хадамоти геофизикии Академияи илмҳои Тоҷикистон маркази зилзила дар 357-километрии ҷанубушарқи Душанбе ва 22 километр дуртар аз кӯли Сарез будааст.***

# САРЕЗ ОСЕБ НАДИДААСТ

Пас аз ин ҳодиса бо роҳбарии муовини Сарвазири мамлакат Азим Иброҳим барои бартараф сохтани оқибатҳои заминларзаи шадид дар вилояти Бадахшон комиссияи ҳукуматӣ таъсис дода шуд. Ба комиссияи мазкур роҳбарони аввали вазоратҳои нақлиёт, тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи гражданнӣ, Агентии захираҳои моддии давлатӣ ва дигар вазорату идораҳои масъул шомиланд.

Тибқи маълумоти то ин дам расида, бар асари заминларзаи 7 декабр беш аз 500 хона вайрон шуда, даҳҳо тан ҷароҳат бардоштаанд. Мутаасифона, талафоти ҷонӣ ҳам ба қайд гирифта шудааст.

Бояд гуфт, ки бар асари ин заминларза аз ҳама бештар водии Бартанги ноҳияи Рӯшон хисорот дидааст.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ба комиссияи мазкур, раиси Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон ва роҳбарони дигар вазорату идораҳо дастур дод, ки ҳарчи зудтар аҳолии бесарпаноҳмондаро бо ҷойҳои зисти муваққатӣ, сарулибоси гарм, хӯрока ва дигар лавозимоту шароити зарурӣ таъмин карда, барои бартарафсозии оқибатҳои заминларзаи шадид чораҳои таъхирнопазир андешанд.

Ба р асоси иттилои Муассисаи илмии Хадамоти геофизикии Академияи илмҳои Тоҷикистон, шиддати он дар марказ 7-8 бал, дар Сарез 5-6 ва дар Душанбе 3-4 балро ташкил дод. Заминларза такроран соати 15-04 дар 370-километрии ҷанубушарқи Душанбе ба қайд гирифта шуд, ки дар марказаш 5-6 бал ва дар пойтахт 2-3 балро ташкил дод. Ҳамчунин соати 15-34 дақиқаи рӯзи душанбе дар 357-километрии ҷанубушарқи Душанбе ва 22 километр дуртар аз кӯли Сарез заминларза ба вуқӯъ пайваст, ки қувваи он дар марказаш ба 5-6 бал ва дар пойтахт ба 2-3 дараҷаи Рихтер баробар буд

Аз Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании Тоҷикистон хабар доданд, ки бар асари заминларза дар баъзе аз навоҳӣ аз кӯҳҳо санг фаромада, аз ҷумла дар километри 462-юми шоҳроҳи Душанбе-Хоруғ дар деҳаи Хехеки ноҳияи Ванҷ ронандаи мошини борбари тамғаи "Дулан" Ҷонӣ Ғаниев, сокини ноҳияи Норак ҳалок шудааст. Дар километри 432-юми шоҳроҳи Душанбе- Хоруғ дар мавзеи Ғошғарфи ноҳияи Дарвоз ва дар километри 452-юми ҳамин шоҳроҳ дар мавзеи Туғаки ноҳияи Ванҷ дар натиҷаи сангрезӣ аз баландиҳо роҳ маҳкам шуда, ҳаракати нақлиёт ғайриимкон гардидааст.

Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон дар робита бо заминларзаи рӯзи 7 ноябр бо раиси Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон Шодихон Ҷамшед ва раисони 8 шаҳру ноҳияҳои вилоят-Хоруғ, Мурғоб, Шуғнон, Роштқалъа, Ишкошим, Рӯшон, Ванҷ ва Дарвоз суҳбати телефонӣ анҷом дод.

Ба раиси Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон ва роҳбарони шаҳру ноҳияҳои вилоят супориш дода шуд, ки аз ҳоли аҳолии осебдида пайваста бохабар бошанд ва барои ба ҷойҳои зисти муваққатӣ кӯчонидан, бо маводи озуқаворию сарулибос ва ёрии тиббӣ таъмин намудани онҳо чораҳои таъхирнопазир андешанд.

Сарвари давлат Эмомалӣ Раҳмон ҳамчунин ба Сарвазири мамлакат Қоҳир Расулзода ва раиси комиссияи ҳукуматӣ Азим Иброҳим дастур дод, ки рафти бартарафсозии оқибатҳои заминларзаро таҳти назорати доимӣ қарор диҳанд.

Таъкид гардид, ки комиссияи ҳукуматӣ фавран ба Вилояти Мухтори Куҳистони Бадахшон сафар карда, рафти корҳоро таҳти назорати бевосита гирад.

Супориш дода шуд, ки фавран ситодҳои ҷумҳуриявӣ ва вилоятӣ оид ба кӯмакрасонӣ ба мардуми осебдида таъсис дода шаванд ва таъкид гардид, ки комиссияи ҳукуматӣ ва ситодҳо шабурӯз фаъол бошанд.

Ёдовар мешавем, тайи беш аз як моҳи охир ин бори сеюм аст, ки заминларза Тоҷикистонро такон медиҳад. Нимаи дуюми моҳи ноябр заминларзаи 2-3 бал дар қаламрави кишвар рух дод, ки маркази он дар 327-километрии ҷанубушарқи Душанбе, дар ҳудуди Афғонистон буд.

Пештар аз ин, 26 октябр дар Тоҷикистон заминларза ба амал омад, ки ҳарчанд бе талафоти ҷонӣ гузашт, аммо хисороти зиёде аз худ боқӣ гузошт. Бино ба маълумоти Кумитаи ҳолатҳои фавқулодда ва мудофиаи граждании Тоҷикистон, дар пайи ин заминларза дар ноҳияҳои Ишкошим ва Роштқалъа, ки ба маркази зилзила, яъне Афғонистон, наздикӣ доштанд, чанд хона вайрон шуда ва дар ҳолати садамавӣ қарор гирифтаанд. Дар худи Афғонистону Покистон аз ин заминларза тақрибан 300 нафар ҳалок шуданд.

**Алӣ ҶӮРА**

# Иттилоия

## дар бораи баргузории Маҷлиси Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон

саҳ. 1

**МАҶЛИСИ** васеи Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро Раиси ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ифтитоҳ бахшида, ибрoз доштанд, ки баъди Анҷумани XII ҳизб, ки дар моҳи декабри соли гузашта барпо шуда буд ва баъди баргузории интихоботи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва маҷлисҳои маҳаллии вакилони халқи ҷумҳурӣ ин ҷамъомади васеъ ва фарогири Кумитаи Иҷроияи Марказии ҳизб махсуб меёбад, ки мо имкон дорем дар зимни он фаъолияти ташкилотҳои ҳизбӣ дар давраи баъди Анҷумани XII ҳизб ва вазифаҳои навбатии ташкилотҳои ҳизбиамонро дар марҳилаи ҳозира мавриди баррасии ҳамаҷониба қарор диҳем.

Мо дар як давраи мураккабу ҳассоси таърихӣ қарор дорем. Дар дунё таҳаввулоту дигаргуниҳои ҷиддӣ ба амал омада истодаанд. Ҷаҳонро бӯҳрони амиқи иқтисодӣ ва сиёсию иҷтимоӣ фаро гирифтааст. Дар гӯшаҳои мухталифи дунё, дар кишварҳои гуногуни олам воқеаҳо ва таҳаввулотҳое ба амал омада истодаанд, ки ба раванди табиии тараққиёти ҷомеа бетаъсир намемонанд. Бинобар ин моро лозим аст, ки ин тағйироту дигаргуниҳоро ҳамаҷониба баррасӣ намуда, ба онҳо баҳои воқеӣ диҳем ва дар заминаи онҳо фаъолияти минбаъдаи худро мушаххас ва роҳандозӣ намоем.

Ҳанӯз дар ҷамъомади тантанавӣ ба ифтихори ҷашни 20-умин солгарди қабули Конститутсия (Сарқонун)-и Ҷумҳурии Тоҷикистон зикр намуда будам, ки мо ҷонибдори интихоботи парламентие мебошем, ки бо роҳи алтернативӣ барпо гардад, то худи халқ тавонад намояндаи арзандаашро озодона интихоб кунад.

Дар ҳамин замина тамоми ҳизбҳои сиёсӣ ва шахсонеро, ки дар интихобот иштирок мекарданд, даъват намудам, ки барои дар доираи Конститутсия ва қонунҳои амалкунандаи кишвар барпо шудани интихоботи парлумонӣ талош кунанд, то ки ин чорабинӣ ба сарҷамъии миллат, таҳкими ваҳдати миллӣ, сулҳу субот ва густариши демократия дар кишвари соҳибистиқлоламон мусоидат намояд.

Ҳамин тариқ, чуноне ки мо шоҳид гаштем, интихобот дар фазои орому осуда, ба таври шаффофу демократӣ ва озод доир гардид. Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон аз рӯзҳои аввали марҳилаи қонунии омодагӣ ба интихобот фаъолияти худро ба таври густурда роҳандозӣ намуда, дар ниҳоят ба пирӯзӣ расид. Зеро ки тамоми муқаррароти санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қарорҳои Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон риоя намуда, дигар ниҳодҳои дар интихобот иштироккунандаро низ даъват намуд, ки танҳо дар доираи қонун амал намоянд. Омили муҳими пирӯзии ҳизби мо дар он буд, ки мо номзадҳои арзандаро пешбарӣ кардем.

Дар давраи интихоботи гузашта Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ҳамчун ниҳоди пешбаранда ва нерӯи созандаву муттаҳидсози ҷомеаи шаҳрвандӣ ва муҳофизи арзишҳои миллию фарҳангии Тоҷикистон салоҳият ва мартабаи баланд доштанашро нишон дод. Фаъолияти фарогири ҳизб бозгӯи он мебошад, ки дар байни мардум маҳбубияти хос дорад.

Аъзо ва ҷонибдорони ҳизби мо, ки дар айни замон шумораи онҳо ба зиёда аз 350 ҳазор нафар мерасад, ҳамеша дар сафи пеши мубориозони таҳкими сулҳу субот ва тараққиёт мебошанд, ки чунин мавқеи устувор обрӯи онро дар байни тамоми қишрҳои ҷомеа беш аз пеш афзун гардонда истодааст.

Мо дар асри пешрафту инкишофи илму технологияҳои нав қарор дорем. Насли ҷавонро бояд бо дастовардҳои навини он шинос кунем ва омӯзонем, меъёрҳои демократии бунёди ҷомеаро амалӣ гардонем, анъанаҳои миллиамонро рушди тоза бахшем. Барои таъмини зиндагии шоистаи мардум талош намоем ва дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мавқеи сазовор дошта бошем.

Таъсири воқеаҳои мазкур бевосита ва ё ғайримустақим ба ҳизбу гурӯҳҳои сиёсии ҷумҳурӣ ва баъзе шахсиятҳои кӯтоҳандеш мерасад. Ман ҳодисаҳои аввали моҳи сентябри соли ҷориро дар назар дорам, ки чанд нафар аз соҳибмансабони низомӣ бо ҳизби тамоюли динӣ доштаи мамлакат забон як карда, мехостанд, ки бо зӯри силоҳ авзои ҷумҳуриро ноором сохта, ба ҳадафҳои нопоки худ бирасанд. Аммо хушбахтона тирашон хок хӯрд.

Дар тамоми кишварҳои мутамаддин ва демократӣ мубориазаҳои сиёсӣ ба таври осоишта, яъне аз тариқи парлумонӣ анҷом дода мешавад. Ҳизби сиёсӣ бо кору амали шоистаи худ тарафдор пайдо мекунад, барнома месозад, вакилонашро пешбарӣ мекунад ва бо гирифтани раъйи мардум ва ишғоли курсиҳои муносиб дар Маҷлис барои татбиқи ҳадафҳояш талош меварзад. Ягон давлату ҳукумат роҳ намедиҳад, ки гурӯҳе ва ё ҳизбу ҳаракате бо роҳи зӯрӣ ва силоҳ дар кишвар бесуботӣ ва ноором ба вуҷуд биёрад.

Ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ бояд танҳо аз тариқи таҳияи барномаи мушаххас, нуфуз пайдо кардан дар байни мардум ва овозӣ зарурии интихобкунандаҳоро ба даст овардан бояд барномаҳояшонро амалӣ гардонанд. Дар ин амр Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон обрӯ ва нуфузи калон пайдо кардааст. Барномаҳои он танҳо барои пешрафту тараққиёти мамлакат, беҳдошти зиндагии мардум ва таҳкими сулҳу субот нигаронда шудаанд. Ин рисолатро мо бояд пайваста тақвият бахшем ва ҷидду ҷаҳд намоем, ки ҳизби воқеан ҳам мардумӣ бошем, хулоса намуд суханашро Раиси ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон.

Баъдан бархе аз аъзои КИМ ҳизб ва ҷонибдорони фаъоли Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ба шумули Бахтовар Сафаров, раиси Фраксияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҳингул Кабирзода, мудири бахши асноди ҳолати шаҳрвандии ноҳияи Данғара, Сайдулло Абдулҳаев, раиси кумитаи иҷроияи ибтидоии "НБО Роғун", Хурсанд Мирзоева, раиси ҷамоати деҳоти "Ромит"-и шаҳри Ваҳдат, Абдулло Раҳмонзода, раиси Ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон "Созандагони Ватан", Ҷумла Худобахшова, донишҷӯи донишкадаи давлатии забонҳои Тоҷикистон, Тоҷибой Келдиёров, сармуҳаррири нашрияи Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар вилояти Суғд "Сухани халқ" ба музокира баромада, назару андешаҳои худро перомуни амалӣ кардани қарорҳои ҲХДТ ва дастуру ҳидоятҳои мақомоти олии ҳизб баён дошта, барои боз ҳам беҳбуд бахшидани фаъолияти минбаъдаи ташкилоти сиёсӣ ва таҳкими обрӯву нуфузи он дар ҷомеа пешниҳодҳои мушаххасро манзур намуданд.



Дар ниҳояти Маҷлиси КИМ ҲХДТ Раиси муаззами ҳизб муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон иштирокдорони маҷлисро барои таҳкими ҳамаҷонибаи сулҳу ваҳдат, меҳнати содиқатмандона ба нафъи халқу Ватан даъват намуда, бо назардошти тағйиру иловаҳо қарори Маҷлисро ба овоз монд ва он аз ҷониби аъзои КИМ ҳизб якдилона пазируфта шуд.

# СУХАНРОНИИ

## Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон мухтарам Эмомалӣ Раҳмон дар ҷаласаи Кумитаи Иҷроияи Марказии ҲХДТ оид ба фаъолияти ташкилотҳои ҳизбӣ дар давраи баъди Анҷумани XII ҳизб ва вазифаҳои навбатии ҲХДТ дар марҳалаи ҳозира.

### МУҲТАРАМ АЪЗОИ КУМИТАИ ИҶРОИЯИ МАРКАЗӢ! ҲОЗИРИНИ ГИРОМӢ!

**МАҚСАД** аз баргузор намудани Маҷлиси навбатии Кумитаи Иҷроияи Марказӣ натиҷагирӣ аз корҳои то имрӯз амалигардида ва муайян намудани самтҳои афзалиятноки фаъолияти ҳизбӣ дар марҳалаи минбаъда мебошад.

Зеро таҳлилу натиҷагирӣ аз корҳои иҷрогардида ва дарёфти самтҳои мушаххаси фаъолияти минбаъда имкон медиҳад, ки кори ҳизб, бахусус, дар шароити имрӯзаи минтақа ва ҷаҳон дуруст ба роҳ монда шавад.

Мо дар марҳалае кору фаъолият дорем, ки ҷаҳонро буҳрони амиқи молиявию иқтисодӣ ва сиёсиву иҷтимоӣ фаро гирифтааст.

Дар гӯшаҳои мухталифи сайёра ва дар кишварҳои гуногуни олам воқеаву таҳаввулоте ба амал омада истодаанд, ки ба раванди табиии тараққиёти ҷомеаи мо низ бетаъсир намемонанд.

Бинобар ин, моро лозим аст, ки ин тағйироту дигаргуниҳоро ҳамаҷониба баррасӣ намуда, ба онҳо баҳои воқеӣ диҳем ва дар заминаи онҳо фаъолияти минбаъдаи худро мушаххас гардонем.

Ҳоло дар ҷаҳони ислом гурӯҳҳои ифротиву террористӣ, чун "Ҳизби таҳрир", ҳаракати "Толибон", давлати ба ном исломӣ ва монанди инҳо даст ба куштору ғорат, терроры мардуми осоишта зада, авзои сиёсиву иҷтимоии кишварҳоро ноором мекунанд.

Қариб бист сол мешавад, ки ҳаракати "Толибон" дар кишвари ҳамсояи мо-Афғонистон ва давлати ба ном исломии Шому Ироқ дар як қатор мамлакатҳои арабӣ барои бунёди давлати исломии сохта мубориза бурда истодаанд.

Дар ин ҷо саволе пайдо мешавад, ки магар мардуми кишварҳои исломӣ ё мусулмоннишин эътиқодмандони дини мубини ислом нестанд? Ё онҳо меҳоҳанд, ки ин мардуми ҳазорсола мусулмонро дубора мусулмон кунанд? Пӯшида нест, ки зери ин шиорҳо мақсадҳои дигар ниҳонанд.

Ҳадафи асосӣ бо истифода аз усулҳои куштори мусулмон аз ҷониби мусулмон, ба вуҷуд овардани фазои тарсу ваҳм ва куштори бераҳмонаи мардум иҷборан ба зиндагии асримиёнагӣ баргардонидан буда, ин гурӯҳҳо зери парчами ислом нақшаҳои ғаразнок ва қудратталабонаи доираҳои муайянро амалӣ кардан меҳоҳанд.

Боиси нигаронист, ки садҳо нафар ҷавонони тоҷик мустақиман аз Тоҷикистон ё ки аз кишварҳои дигар ба ҷангҳои ба ном ҷиҳоди давлати исломӣ рафта истодаанд.

Баъзеашон ҳатто бо аъзои оилаи худ вориди кишварҳои арабӣ мешаванд. Пӯшида нест, ки шумораи ночизи онҳо дар заминаи эътиқодӣ ин роҳи хаторо интихоб мекунанд.

Дар асл аксарияти онҳо бар ивази маблағи муайян ва орзуи соҳиби пули калон шудан ё фирефтаи ваъдаҳои эмиссарҳои давлати ба ном исломӣ гашта, нияти ба кишварҳои Сурияву Ироқ рафтанро мекунанд ва бештарашон кушта мешаванд.

Аз ин рӯ, ташкилотҳои ҳизбиро лозим аст, ки ба чунин раванду рӯйдодҳои муҳими сиёсиву иҷтимоӣ бетафовут набошанд, онҳоро ҳамаҷониба таҳлилу арзёбӣ кунанд ва фаъолияти сиёсиву ҳизбии худро мутобиқи онҳо роҳандозӣ кунанд.

Ва барои пешгирии ҷавонон аз гароиш ба ҳизбу ҳаракатҳои манъшуда ва узвият дар ниҳодҳои низомии давлати ба ном исломии Шому Ироқ минбаъд низ чораҳои мушаххас ва муассирро амалӣ намоянд.

Ман рӯйдоду воқеаҳои ҷаҳонро бесабаб хотиррасон накардам. Зеро ҳамаи ин воқеаҳо, албатта, бо ин ё он восита ба вазъи ором ва сулҳу суботи кишвари мо, бахусус, афкору андешаи сокинони кишвари мо, аз ҷумла ҷавонон бетаъсир намемонанд.

Бо дарназардошти чунин вазъият таъкид месозам, ки нақши Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон дар тарғиби арзишҳои давлати дунявӣ, солимгардонии афкори мардум ва ба самти созанда сафарбар кардани онҳо бояд назаррас бошад.

Дар ин росто, ҷалби мардум ба корҳои созандагиву бунёдкорӣ, таҳкими сулҳу субот, ваҳдати миллӣ ва таъмини зиндагии шоистаи сокинони кишвар бояд ҳадафи аслӣ ва меҳвари фаъолияти ҳизби моро ташкил диҳад.

Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон бо мақсади амалӣ гардонидани орзуву омоли мардум ва зина ба зина баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии кишвар барномаҳои воқеӣ ва илман асоснок таҳия мекунад ва онҳоро дар маъракаҳои интихоботӣ ба ҷомеа манзур менамояд.

Ин аст, ки чунин барномаҳои созандаро мардум мепазиранд ва ҷонибдорӣ мекунанд. Мо ин воқеиятро дар интихоботи охирини парламентӣ баръало мушоҳида кардем.

Тавре ки медонед, дар интихоботи гузашта 8 ҳизби сиёсӣ бо пешниҳод намудани номзадҳояшон иштирок карданд.

Аҳзоби сиёсӣ дар интихобот аз рӯи рӯйхати ягонаи ҷумҳуриявӣ барои ишғоли 22 курсии вакилӣ беш аз 120 номзад пешбарӣ намуданд.

Яъне ҳар ҳизб ва ҳар шахсе, ки тибқи қонунҳои ҷорӣ ҳуқуқи пешбарӣ кардани номзадҳоро ба вакилии маҷлисҳои зинаҳои гуногун дошт, аз ин ҳуқуқ истифода кард.

Дар ин раванд, фаъолияти густурда ба Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон имкон фароҳам овард, ки ба пирӯзӣ расад.

Омили дигари муҳимми пирӯзии ҳизби мо дар он буд, ки мо номзадҳои арзандаро пешбарӣ кардем.

### ДӮСТОНИ АЗИЗ!

**АКНУН** мехоҳам дар хусуси вазъи сиёсиву иҷтимоии кишвар, ки ҷузъи таркибии равандҳои муосири минтақавию ҷаҳонист, ибрози ақида намоям.

Мо имрӯз дар асри ҷаҳонишавӣ, бархӯрди тамаддунҳо ва пешрафти бесобиқаи илму технологияҳои нав қарор дорем, ки аз ҳар яки мо муносибати масъулона ва ҷиддиро дар ҳамаи самтҳои фаъолиятамон тақозо менамояд.

Дар шароити ноорому пуртазоди ҷаҳони муосир мо бояд насли ҷавонро аз оқибатҳои манфии равандҳои ҷаҳонӣ эмин дорем, онҳоро бо дастовардҳои навини илм ва технологияҳои замонавӣ шинос кунем, барои таъмини зиндагии шоистаи мардум талош намоем, анъанаҳои миллиамонро рушди тоза бахшем ва ҳамеша кӯшиш кунем, ки дар ҷомеаи ҷаҳонӣ мавқеи сазовор дошта бошем.

Таъсири раванду воқеаҳои минтақа ва ҷаҳон бевосита ё ғайримустақим ба гурӯҳҳои сиёсии мамлакат ва баъзе шахсиятҳои кӯтоҳандеш мерасад.

Ман ҳодисаҳои аввали моҳи сентябри соли ҷорироо дар назар дорам, ки чанд нафар аз соҳибмансабони низомӣ бо ҳизби тамоюли динидоштаи мамлакат забон як карда, мехостанд, ки бо зӯри силоҳ авзои кишварро ноором сохта, ба ҳадафҳои нопоки худ ноил шаванд.

Онҳо умед доштанд, ки дар байни ҷомеа тарафдор пайдо мекунанд.

Вале чунонки шоҳид будем, мардум, баръакс, бо сохторҳои низомӣ ва мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ҳамкорӣ намуда, нагузоштанд, ки вазъи сиёсиву иҷтимоӣ ноором гардад.

Зеро мардуми Тоҷикистон як маротиба оқибатҳои ҷанги ҳамватаниро аз сар гузаронида, харобиҳо ва қурбониҳои бешуморро фаромӯш накардаанд. Бинобар ин, намегузоранд, ки даҳшату фоҷиаҳо дубора такрор шаванд.

Мардуми кишвар, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва умуман аҳли ҷомеа гунаҳгорони воқеаҳои нангинро маҳкум намуданд.

Ҳоло мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ин ҳодисаҳоро баррасӣ карда, сабабҳои аслии онро эълон мекунанд.

Аллакай ташаббускорони бенизомиҳо фош карда шуданд, ки яке аз онҳо ҳизби террористиву экстремистии наҳзати исломи Тоҷикистон мебошад.

Бесабаб нест, дар заминаи бурҳону далелҳои мушаххас мақомоти судии кишвар фаъолияти онро қатъ намуд.

Дар тамоми кишварҳои мутамаддин ва демократӣ муборизаҳои сиёсӣ ба таври осоишта, яъне бо роҳи парламентӣ анҷом дода мешаванд.

Ҳизби сиёсӣ бо кору амали шоистаи худ тарафдор пайдо мекунад, барнома месозад, вакилонашро пешбарӣ мекунад ва бо гирифтани раъйи мардум ва ишғоли курсиҳои муносиб дар парламент барои татбиқи ҳадафҳояш талош меварзад.

Ягон давлату Ҳукумат роҳ намедиҳад, ки гурӯҳе ё ҳизбу ҳаракате бо роҳи зӯрӣ ва силоҳ дар кишвар бесуботӣ ва ноороми ба вуҷуд орад.

Ҳизбу ҳаракатҳои сиёсӣ бояд танҳо аз тариқи таҳияи барномаи мушаххас, нуфуз пайдо кардан дар байни мардум ва овози зарурии интихобкунандаҳоро ба даст овардан барномаҳояшонро амалӣ гардонанд.

Дар ин амр нақши Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон басо арзишманд мебошад. Барномаҳои он танҳо барои пешрафту тараққиёти мамлакат, беҳдошти зиндагии мардум ва таҳкими сулҳу субот нигаронида шудаанд.

Ин рисолатро мо бояд пайваста тақвият бахшем ва ҷидду ҷаҳд намоем, ки ҳизби воқеан ҳам мардумӣ бошем.

Ҳизби мо дар давоми беш аз бист соли фаъолияташ аз имтиҳонҳои зиёде гузашта, обрӯ ва манзалаташро дар миёни табақаҳои мухталифи ҷомеа таҳким бахшид.





Ҳамин аст, ки дар маъракаҳои сиёсӣ пешсаф буда, дар сабқатҳои интихоботӣ пайваста ба пирӯзӣ мерасад.

Ташкилотҳои ҳизби мо пайваста дар чараёни ҳалли проблемаҳои мардум мебошанд.

Одамон бо эътимоду боварӣ ҷиҳати баррасии масъалаҳои рӯзмарра ба қабулгоҳҳои ҷамъиятии ҳизб муроҷиат мекунанд.

Ягон дархост ва арзу пешниҳоди онҳо бенатиҷа ва беэътибор намемонад. Ҳамин аст, ки онҳо ба ҳизби мо аъзо мешаванд ва тақдирашонро бо ин ниҳоди сиёсӣ мепайванданд.

Бинобар ин, ҳизби моро ҳизби мардумӣ ва хизматгори халқ мегӯянд.

Бо дарназардошти ин, ҳар яки мо, пеш аз ҳама, роҳбарони кумитаҳои иҷроияи вилоятӣ ва шаҳриву ноҳиявиро зарур аст, ки барои нигоҳ доштани эътимоди мардум ва ҳалли мушкилоту масъалаҳои онҳо боз ҳам кӯшиш кунанд.

## ҲОЗИРИНИ ГИРОМӢ!

**БОЯД** тазаккур дод, ки мафҳуми демократия ва бунёди давлати демократӣ барои мо вожаҳои нисбатан нав мебошанд.

Ман борҳо таъкид намудаам, ки мо набояд қолаби демократияи кишварҳои пешрафтаро айнан нусхабардорӣ кунем, балки кӯшиш кунем, то дар Тоҷикистон демократияе созем, ки дар пояи арзишу унсурҳои миллӣ ва фарҳанги сиёсии худамон устувор гашта бошад.

Танҳо дар ҳамин сурат мо ба ҷонибдории оммаи васеи мардум, пешрафту ободии Ватанамон ва зиндагии шоистаи сокинони кишварамон ноил мегардем.

Моро лозим аст, ки ҳамеша бо мардум бошем, бо табақаҳои мухталифи ҷомеа суҳбату мулоқотҳо анҷом диҳем ва барои ҳалли саривақтии мушкилоти онҳо кӯмак расонем. Ин яке аз вазифаҳои аввалиндараҷаи ҳизби сиёсӣ маҳсуб меёбад.

Тавре ки мушоҳида мешавад, баъди Анҷумани охирини ҳизб дар фаъолияти ташкилотҳои ҳизбӣ як ҷунбиши тоза, вусъати корҳо, масъулиятшиносӣ ва ташаббускорӣ ба амал омада истодааст.

Созмонҳои ҳизбӣ дар шаҳру ноҳияҳо талош мекунанд, ки ҳамқадами ҳаёт бошанд, дар чорабиниҳои ҷамъиятӣ ва ҳукуматӣ иштироки фаъолона дошта бошанд ва пешсафи ҷомеа буданашонро бо кори амалӣ нишон диҳанд.

Ин дуруст аст, зеро ҳизби пешқадами ҷомеа ҳақ надорад, ки фаъолияти худро заррае суст кунад, чунки мардум ба ташкилоти сиёсии дар ҷомеа эътирофшуда бовар мекунанд ва ба умед доранд, ки ниёзмандиҳои онҳоро амалӣ месозад.

Аз ин рӯ таъкид менамоям, ки ташкилотҳои ҳизбӣ дар шароити кунунӣ доимо фаъолияти густурда дошта бошанд ва нагузоранд, ки фазои сиёсии солимро ҷараёну ҳаракатҳои ғайриқонунӣ олуда созанд ва нуфузашонро афзоиш диҳанд.

Дастуру супоришҳои ҳизбӣ бояд маҳз аз Кумитаи иҷроияи марказӣ ва роҳбарияти ҳизб ба ташкилотҳои поёнӣ ирсол гарданд.

Ҷараёни иҷрои онҳо ва гузоришҳо низ бояд сари вақт пурсида ва талаб карда шаванд.

Дар акси ҳол фаъолияти ҳизбиву сиёсии ташкилотҳоямон натиҷаҳои назаррас намедиҳанд.

Таҷрибаи сафарҳои кории кормандони дастгоҳи Кумитаи иҷроияи марказии ҳизб ба шаҳру навоҳӣ қобили дастгирӣ мебошад.

Дар ин раванд лозим аст, ки сафарҳои омӯзишӣ ба низоми муайян ва доимоамалкунанда табдил ёфта, ба таҳкими шаклу усулҳои пешқадами корбарӣ нигаронида шавад.

Тавре зикр намудам, мо бояд фаъолияти худро вобаста ба таҳаввулоти ҷомеа бозсозӣ кунем ва тақвият бахшем. Навсозӣ бояд тамоми самтҳои фаъолияти ҳизбиро фаро гирад.

Ин ҷо сухан, пеш аз ҳама, дар бораи интихоби кадрҳои болаёқат, фаъолияти шаффоф, истифодаи технологияҳои муосири сиёсӣ, баҳсҳои озод ҳангоми пешниҳоди ғояҳои созанда ва ҳамкории мутақобилан судманд бо ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ меравад.

Роҳбарони сохторҳои ҳизбӣ бояд дар маҳалҳо на аз рӯи принсипи ихтисор шудан аз вазифаҳои дигари давлатӣ ё ба таври муваққатӣ, яъне то таъин шудан ба вазифаи дигар пешниҳод шаванд, балки аз рӯи истеъдод, лаёқату кордонӣ ва маҳорату малака интихоб гарданд.

Ҳизб бояд барои кадрҳои ҷавон ва болаёқат ба сифати такягоҳи боэътимод хизмат расонад, онҳоро ҳарчи бештар ба корҳои муҳими давлатӣ ё ҷамъиятӣ ҷалб созад.

Аз ин рӯ супориш медиҳам, ки мактаби захираи кадрҳои ҳизбӣ таҳти таваҷҷуҳи мақомоти давлатӣ қарор гирифта, ҳангоми пешбарӣ ба вазифаҳои роҳбарикунандаи сатҳҳои гуногун мавриди истифода қарор дода шавад.

Дар баробари ин, таъкид кардан бамаврид аст, ки мо нисбат ба собиқадорони ҳизб ҳам бетафовут набошем.

Таҷрибаи онҳоро ҳамаҷониба истифода карда, дар синни нафақа ба онҳо ғамхорӣ зоҳир кунем.

Собиқадорон бояд дар ташкилотҳои ҷамъиятӣ муттаҳид карда шаванд ва дар мактаби маҳорату истеъдодашон кадрҳои ҷавон тарбия гиранд.

Бо ин мақсад мо ҳанӯз моҳи апрели соли 2013 бо қарори Раёсати Кумитаи Иҷроияи Марказӣ Шӯрои собиқадорони ҳизбро таъсис дода будем.

Аммо кор дар ин самт ҳоло ҳам мувофиқи матлаб ба роҳ монда нашудааст.

Лозим аст, ки фаъолияти Шӯро беҳтар гардонида шуда, таҷрибаи ғании собиқадорон дар самти тақвияти арзишҳои ватандорӣ, худшиносӣ, эҳтироми суннатҳои миллии мардум ва таблиғу ташвиқи дастовардҳои мамлакат ба манфиати миллат ва ҷомеаи кишвар мавриди истифода қарор дода шавад.

Яке аз самтҳои афзалиятноки барномаи пешазинтихоботии ҳизб кор бо муҳоҷирони меҳнатӣ ва диаспораҳои мо берун аз кишвар мебошад.

Чунончи, танҳо соли равон кормандони ҳизбӣ ду маротиба ба шаҳру вилоятҳои Федератсияи Россия ба назди муҳоҷирон рафта, бо мақомоти гуногуни кишвари Россия мулоқотҳо доир намуданд, ки ба беҳбудии вазъи муҳоҷирон нигаронида шудааст.

Ҳизбиёни мо барои пешрафти фаъолият дар самти кор бо муҳоҷирон пешниҳодҳои воқеан ҳам ҷолиб манзур карданд.

Ман барои баррасӣ ва ҳалли онҳо ба вазорату идораҳои дахлдор дастур додам. Моро лозим аст, ки ин анъанаро доимӣ намоем.

Чизи дигаре, ки дар ин раванд ба вуҷуд омад, ин бӯҳрони иқтисодӣ ва таҳрими иқтисодии кишварҳои ғарбӣ болои Россия мебошад, ки аз ин муҳоҷирони кории тоҷик низ зиён дида истодаанд.

Дар ниҳояти кор ин вазъият ба зиндагии мардум дар Тоҷикистон низ беасар намемонад.

Ҳоло идораҳои марбута ҷиҳати беҳдошти авзоъ дар ин самт кор бурда истодаанд.

Дар ин росто ба сохторҳои марбутаи ҳизбӣ супориш дода мешавад, ки иқдоми муҳими ҳамкорӣ бо ҷамъиятҳои тоҷикони муқими Россия ва ҷалби муҳоҷирони кориро ба фаъолияти ҳизб ва иҷрои нақшаву ҳадафҳои созандаи он тақвият дода, ба он муваффақ шаванд, ки сафи аъзои ҳизб аз ҳисоби онҳо минбаъд низ афзоиш ёбад.

Дар баробари ин, ташкилотҳои ҳизбии мо, аз ҷумла роҳбарони сатҳи вилоятӣ ва шаҳриву ноҳиявӣ муҳимтарин барномаи пешазинтихоботиамон, яъне ташкили ҷойҳои нави корӣ ва бо шуғл фаро гирифтани шумораи ҳарчи бештари аҳолии мамлакатро ҳеҷ гоҳ набояд аз мадди назар дур кунанд ва бо ин мақсад аз ҳамаи захираву имкониятҳо истифода баранд.

## ҲОЗИРИНИ МУҲТАРАМ!

**ТАВАҶҶУҲ** ба занону ҷавонон ва тарбияву сафарбар кардани онҳо ба корҳои давлативу ҷамъиятӣ яке аз самтҳои афзалиятноки кори ҳизбӣ мебошад.

Зеро ҳизб мактаби ташаккули сиёсии шахс буда, кадрҳои ҷавони дар он тарбияёфта мавқеи мустаҳками сиёсӣ пайдо мекунанд.

Хушбахтона, дар парламенти ҳозира сафи бонувону ҷавонон зиёд гардидааст.

Қобили зикр аст, ки танҳо шумораи занон дар Маҷлиси намояндагон ба 12 нафар мерасад.

Аммо, мутаассифона, шумораи бонувон дар маҷлисҳои маҳаллӣ хеле кам аст.

Бинобар ин, ташкилотҳои ҳизбиро лозим аст, ки дар ҳамкорӣ бо мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ба масъалаи пешбарӣ ва тарбияи кадрҳо аз ҳисоби занон ва ҷавонон эътибори ҷиддӣ диҳанд.

Вақте ки занону ҷавонон ба мақомоти маҳаллии намояндагӣ пешбарӣ шуда, фаъолият мебаранд, онҳо дар айни замон сабақу таҷриба мегиранд ва дар оянда барои иҷрои масъулият дар мақомоти болоӣ омода мешаванд.

Вобаста ба ин, дар шароити имрӯза моро лозим аст, ки ба масъалаи кор бо ҷавонон низ аҳамияти аввалиндараҷа зоҳир намоем.

*саҳ. 6*



саҳ. 5

Зеро ҳама гуна зуҳуроти номатлуб метавонад таъсири худро аввал ба мафкураи қишри ҷавони ҷомеа расонида, тафаккури онҳоро тағйир диҳад, ки ин ҳолат ба ҷомеаи мо хатари ҷиддиро ба вуҷуд меорад.

Аз ҷониби дигар, ҷавонони кишвари мо қисми зиёди аҳолии мамлакатро ташкил дода, қувваи пешбарандаи ҷомеа ва идомадиҳандаи анъанаҳои неки гузаштагону имрӯзиён мебошанд.

Онҳо қисми нисбатан осебпазири ҷомеаи мо буда, ба раҳнамоӣ ва дастгирии ҳамаҷониба ниёз доранд.

Барои ҳизби мо муҳим аст, ки имрӯз роҳҳои нави корбариро бо ҷавонон пайдо намояд.

Ин ҷо манзури мо ҳам истифода аз усули муносибати оддӣ, мулоқот, тамоси рӯ ба рӯ бо ҷавонон ва ҳам истифодаи воситаҳои муосири коммуникатсия, яъне интернет аст.

Шабакаҳои иҷтимоӣ ва пойгоҳҳои хабарии электронӣ бояд ба майдони фаъолияти ҳизбӣ табдил дода шаванд.

Имрӯз аксарияти ҷавонон соатҳои фориғи худро дар шабакаҳои интернет мегузаронанд ва мо мехоҳем ё не, сафи онҳо ногузир афзоиш меёбад.

Дар ин замина хеле муҳим аст, ки мо дар шабакаҳои интернетӣ чорабиниҳои кушоди иттилоотӣ ва вобаста ба ҳимояи манфиатҳои милливу давлатӣ конфронсҳо доир намоем.

Ин иқдом, бешубҳа, ба оммавӣ ва шинохта шудани ҳизб дар байни ҷавонон замина мегузорад.

Аз ин лиҳоз, дар рӯҳияи ватандӯстӣ, эҳтиром гузоштан ба арзишҳои милливу фарҳангӣ ва дӯст доштани меҳан тарбия намудани ҷавонон вазифаи аввалиндараҷаи ҳизб, бахусус Ташкилоти ҷавонони он "Созандагони Ватан" мебошад.

Аммо дар низоми сохториву ташкилӣ ва фароҳам овардани базаи моддиву техникии он то ба имрӯз камбудиҳои зиёд ба назар мерасанд.

Аз ин лиҳоз, ба Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказии ҳизб, Ташкилоти ҷамъиятии ҷавонон "Созандагони Ватан" ва кумитаҳои иҷроияи ҳизб дар вилоятҳо ва шаҳру ноҳияҳо супориш медиҳам, ки доир ба бартараф намудани проблемаҳои ҷойдошта ва татбиқи роҳу механизмҳои самараноки фаъолияти ташкилоти ҷавонони ҳизб чораҳои муассир андешанд.

## ҲОЗИРИНИ ГИРОМӢ!

**ПЕШБУРДИ** корҳои таблиғотиву ташвиқотӣ ва ба низом даровардани корҳои дохилиҳизбӣ дар раванди корҳои ҳизбӣ омили муҳим ба ҳисоб меравад.

Истифодаи дурусту самараноки механизмҳои муосири таблиғотӣ метавонад мавқеи ҳизбро дар ҷомеа боз ҳам таҳким бахшад.

Аммо тибқи гузоришҳои гурӯҳҳои корӣ баъди интихоботи гузашта дар фаъолияти ташкилотҳои ибтидоии ҳизбӣ як навъ фориғболӣ ба мушоҳида мерасад.

Дар баъзе ташкилотҳои ҳизбӣ тарзу услуби муосири кориро намеомӯзанд, гурӯҳҳои таблиғотиву ташвиқотӣ ба ном вуҷуд доранд.

Гузашта аз ин, дар ҳайати онҳо таблиғотчиёни бомаҳорат, сухандон ва донишманд кам ба мушоҳида мерасанд.

Вобаста ба ин ҳолат ба ҳамаи ташкилотҳои вилоятию шаҳрӣ ва ноҳиявии ҳизб дастур дода мешавад, ки ҳайати гурӯҳҳои таблиғотӣ ва мобилиро такмил дода, фаъолияти онҳоро доимоамалкунанда гардонанд.

Дар такмили корҳои дохилиҳизбӣ коргузорӣ ва низоми таҳияи санадҳо аз ҷумлаи талаботи аввалиндараҷа маҳсуб меёбад.

Аммо таҳлилҳо нишон медиҳанд, ки ин кор ҳанӯз ҷавобгӯи талабот нест.

Дар фаъолияти таблиғотӣ ва коргузории ҳизбӣ истифодаи усулҳои замонавии корбарӣ хеле кам ба мушоҳида мерасад.

Бо ахбори таъҷилии сиёсиву ҳизбӣ фаро гирифтани аъзо ва алоқамандони ҳизб дигар мавзӯи муҳими таблиғоти ҳизбӣ мебошад.

Барои ин мо нашрияҳо ва сомонаҳои ҳизбӣ дорем, ки онҳо пайваста ба дастгирии масъулин ва аъзои ҳизб эҳтиёҷ доранд.

Пӯшида нест, ки фазои иттилоотӣ саҳнаи муҳими мубориза сиёсӣ мебошад.

Дар замони ҳозира ахбору иттилооти мухталиф ба афкори мардум таъсири ҷиддӣ мерасонад. Ба назар гирифтан лозим аст, ки ҳоло шумораи расонаҳои мустақил ва хусусӣ нисбат ба васоити ахбори оммаи расмиву давлатӣ хеле зиёд аст. Ба замми ин, садҳо васоити ахбори электронӣ, шабакаҳои радио ва телевизионҳо дар ихтиёри шаҳрвандон қарор доранд.

Худи одамон интихоб мекунанд, ки чиро бинанду хонанду шунаванд. Табиист, ки дар чунин ҳолат мазмуну муҳтавои нашрияҳо мақоми муҳим касб мекунад.

Чунин ҳолат боиси он мегардад, ки дар чунин воситаҳои ахбор мақола ё маводе низ ба нашр мерасанд, ки аз воқеият дур мебошанд.

Аз ин лиҳоз, ташкилотҳои ҳизбиро лозим аст, ки ба интиқоду матолиби муғризонаи мухолифони сиёсӣ, ки дар расонаҳои мустақилу расонаҳои хабарии хориҷӣ ва сомонаҳои интернетӣ ба нашр мерасанд, вокуниши саривақтӣ нишон дода, мардумро аз асли воқеаву рӯйдодҳо бохабар созанд ва ҷиҳати иҷрои ин ҳадаф соатҳои ахбори сиёсӣ гузаронанд.

Моро лозим аст, ки корҳои сиёсиву ҳизбиамонро дар ҳамин замина роҳандозӣ намоем ва мардумро ба моҳияти аслии онҳо ошно кунем, ба онҳо фаҳмонем, ки барои кишвари мо дар шароити ҳозира танҳо оромӣ ва сулҳу субот лозим аст.

Бояд барои таҳкими ваҳдати миллӣ ҳарчи бештар ҷидду ҷаҳд кунем ва онро чун гавҳараки чашм ҳифз намоем.

Меҳоҳам махсус таъкид намоям, ки бо вуҷуди дастуру супоришҳое, ки аз ҷониби роҳбарияти ҳизб ва Дастгоҳи марказии он доир ба омӯзиши рӯйдодҳои иҷтимоиву сиёсӣ ва ба онҳо баҳои саривақтӣ ва воқеӣ додан ба ташкилотҳои поёнӣ мерасанд, онҳо ба ин масъалаҳо беэътиноӣ зоҳир мекунанд.

Ташкилотҳои ибтидоӣ чун сохторҳои ҳукуматӣ дар доираи гузаронидани чорабиниҳо ба истиқболи ҷашну маъракаҳо маҳдуд мешаванд.

Ҳол он ки фаъолияти таблиғотии ташкилотҳои ҳизбӣ бояд фаротар аз кори ниҳодҳои ҳукуматӣ бошад.

Ташкилотҳои ҳизбӣ дар мавриди коргузорӣ ҳоло ҳам ба камбудиҳо роҳ медиҳанд.

Дар замоне, ки тамоми муассисаҳои пешрафта фаъолияташонро аз тариқи технологияҳои муосири иттилоотӣ роҳандозӣ намудаанд, баъзе комиҷроияҳои ҳизбии мо почтаи оддии электронӣ надоранд.

Самти дигари фаъолияти ҳизбро сабту қайди дақиқи аъзо ва шаффофияти ҳисоботи оморӣ ташкил медиҳад.

Бо ҳамин мақсад соли ҷорум аст, ки мувофиқи қарори Маҷлиси Кумитаи Иҷроияи Марказӣ аз 18 сентябри соли 2014 дар Дастгоҳи Кумитаи Иҷроияи Марказӣ Барномаи "Махзани ягонаи электронии аъзои ҲХДТ" амалӣ шуда истодааст.

Аммо бинобар фориғболии бархе аз кумитаҳои иҷроияи ҳизбӣ дар самти ворид намудани маълумотномаи аъзои ҳизб то ҳол фаъолияти барномаи мазкур пурра роҳандозӣ нашудааст.

Бинобар ин, Дастгоҳи марказии ҳизб иҷрои ин супоришро бояд таҳти назорати ҷиддӣ қарор диҳад.

Имрӯзҳо ба узвияти Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон пайвастани шаҳрвандони мамлакат зиёд ба мушоҳида мерасад, ки ин, албатта, падидаи фараҳбахш аст.

Ҳизби мо имрӯз дар 4187 ташкилоти ибтидоӣ зиёда аз 350 ҳазор нафар аъзоро муттаҳид намудааст. Танҳо дар муддати даҳ моҳи соли ҷорӣ зиёда аз 28 ҳазор нафар шаҳрвандон ба сафи ҳизб шомил шуданд, ки аз ин шумора 15 ҳазору 700 нафарашон занон ва 11 ҳазору 590 нафарашонро ҷавонон ташкил менамоянд.

Айни замон ҳазорҳо аризаи шаҳрвандон дар омӯзиши ташкилотҳои ҳизбӣ қарор доранд, ки хоҳиши узви ҳизби мо шуданро доранд.

Аммо моро мебояд, ки дар масъалаи қабули аъзои нав эҳтиёткор бошем ва дар ин самт бояд ба сифатҳои шахсии онҳо, яъне донишҳои сиёсиву маърифати онҳо ва садоқате, ки ба ғояҳои ҳизбӣ доранд, таваҷҷуҳ намоем.

Дар ин раванд, ҳамчунин зарур аст, ки ба масъалаи ватандӯстиву поктинатии аъзои ҳизб, аз ҷумла мубориза беамон бар зидди кирдорҳои коррупсионӣ эътибори ҷиддӣ ва доимӣ диҳем.

## ҲОЗИРИНИ АРҶМАНД!

**СОЛИ** оянда мо 25 - солагии истиқлолияти кишвари худро ҷашн мегирем.

Дар ин росто, қабл аз ҳама, дарк бояд кард, ки истиқлолият волотарин ва боарзиштарин дастоварди миллати тоҷик дар масири даҳ асри охир мебошад.

Тоҷикистон маҳз ба шарофати истиқлолият ҳамчун узви баробарҳуқуқи ҷомеаи ҷаҳонӣ эътироф гардид ва дар харитаи сиёсии ҷаҳон чун кишвари дорои низоми давлатдории муосир арзи ҳастӣ намуд.

Роҳи таърихие, ки мо дар даврони истиқлол тай кардем, шоҳроҳи ҳамвор набуд ва тамоми мардуми Тоҷикистон хуб огоҳанд, ки то расидан ба дастовардҳои имрӯза мо чӣ қадар маҳрумияту монеаҳои вазнин ва мушкилоти сахту сангинро паси сар кардем.

Фаромӯш набояд кард, ки фазои басо мураккаб, печида ва зудтағйирёбандаи ҷаҳони муосир, вазъи геосиёсии сайёра ва минтақаи Осиёи Марказӣ, афзудани таҳдиду хатарҳои терроризми байналхалқӣ, экстремизм, муомилоти ғайриқонунии маводи мухаддир, қочоқи силоҳ ва дигар ҷиноятҳои муташаккили фаромиллӣ ба ҳар яки мо хушдор медиҳад, ки истиқлолияти миллӣ, манфиатҳои халқ ва давлати Тоҷикистон метавонанд дучори хатару таҳдидҳои ҷиддии хориҷӣ ва дохилӣ гарданд.

Аз ин рӯ, Кумитаи Иҷроияи Марказии Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва кумитаҳои иҷроияи ҳизб дар вилоят ва шаҳру ноҳияҳоро лозим аст, ки бахшида ба 25 - солагии истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон омодагии ҷиддӣ гирифта, чорабиниҳоеро роҳандозӣ намоянд, ки ба таҳкими истиқлолият, ваҳдати миллӣ ва густариши худшиносиву ватандӯстии шаҳрвандони мамлакат мусоидат намоянд.

Дар фарҷоми сухан бо эътимод иброз медорам, ки тамоми аъзои ҳизб барои амалӣ шудани вазифаҳои стратегии давлат, мукаммал гардидани низоми қонунгузорӣ, густариши минбаъдаи ғояҳои ватандӯстӣ ва худшиносиву ваҳдати миллӣ саҳми арзишманди худро мегузоранд.

**САЛОМАТУ САРБАЛАНД БОШЕД!**

*Душанбе 4 декабри соли 2015*



## НАҚШИ ВАКИЛОН ДАР РУШДИ МАҲАЛ



Рӯзҳои 7 ва 8 декабри соли равон тибқи дастур ва супориши Раиси Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон ва нақша-барномаи омӯзиши вакилони Маҷлисҳои вакилони халқи вилоят, шаҳр ва ноҳия дар мавзӯи "Халқ-баёнгар ва сарчашмаи ҳокимияти давлатӣ" дар ноҳияи Ҳисор миёни вакилони маҳаллӣ дарсҳои омӯзишӣ гузаронида шуд. Дар ифтитоҳи курсҳои омӯзишӣ Раиси ноҳия Раҳмонзода Усмони Сабз иштирок ва суханронӣ намуд. Мавсуф зикр намуд, ки аз 40 вакили Маҷлиси вакилони халқи ноҳия 38 нафар аз ҷонибӣ Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон пешниҳод ва интихоб шудаанд, ки имрӯз онҳо муаззаф ҳастанд сиёсати ҳизбро дар амал татбиқ намоянд, то ин ки дар оянда низ боварии халқро сазовор бошанд.

Тайи ин омӯзиш миёни вакилон Маҳмадулло Наимов, номзади илмҳои сиёсӣ, дотсент дар мавзӯи "Ҳокимияти маҳаллӣ-нерӯи созанда ва бунёдкор", Абдулло Раҳмонзода, ҳуқуқшиноси Дастгоҳи КИМ ҲХДТ дар мавзӯи "Асосҳои ҳуқуқии интихоб ва фаъолияти вакили маҷлиси вакилони халқ", Аброр Мирсаидов, муовини директори иқтисодиёт ва демографияи АИ ҶТ, доктори илмҳои иқтисодӣ, профессор дар мавзӯи "Ҷанбаҳои илмии ислоҳоти иқтисодӣ дар ҷумҳурӣ" баромад намуданд. Ҳамчунин оид ба раванди таҳияи лоиҳаи қарори Маҷлиси вакилони халқ, зарурати баррасии муроҷиати шаҳрвандон, нақши вакил дар идоракунии маҳаллӣ, сарчашмаҳои асосии иқтисодӣ ва молиявии ҳокимияти маҳаллӣ, усулҳои таҳия ва амалисозии Барномаи рушди иқтисодӣ-иҷтимоии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, ваколат ва фаъолияти мақомоти намояндагии маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, техникаи таҳияи санади Маҷлиси вакилони халқ, Дастури Маҷлиси вакилони халқ, Низомнома дар бораи комиссияҳои доимӣ ва дархости вакилӣ, роҳҳои татбиқи онҳо ва моҳияти дигар масоили мубрам ба вакилони ноҳия маълумоти васеъ дода шуд. Зикр гардид,ки интихобкунанда дар симои вакил шахсеро мебинад, ки роҳи ҳали эҳтиёҷоти маҳалро аз вазифаҳои муҳими худ донист, пайи иҷрои он бояд тамоми кӯшишу ғайратро равона созад. Чунин чорабиниҳо, бешубҳа, бахри баланд бардоштани донишҳои сиёсиву ҳуқуқӣ ва касбии вакилон мусоидат намуда, ҳисси масъулиятнокии онҳоро дар роҳандозӣ намудани барномаҳои давлатӣ ва сиёсати иқтисодиву иҷтимоии кишвар дар самти некӯаҳволии шаҳрвандон, таъмини рушди босубот ва амнияти ҷомеа зиёд хоҳад кард, ки дар интиҳо ба манфиати кор хоҳад буд.

**Азамат ДӮСТОВ**

## ДАР РАШТ «МИНБАР» МЕХОНАНД

**Маъракаи обуна ба нашрияи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистон "Минбари халқ" ба марҳилаи ниҳоии худ ворид гашта истодааст.**

Барои муваффақона анҷом додани обуна ҳамаи ташкилотҳои ҳизбӣ, фаъолон ва ҷонибдорон сафарбар шудаанд, ки онҳо ба оммаи васеъ моҳияти васоити ахбори ҳизбӣ, иқтисодӣ ва сиёсию иҷтимоиро фаҳмонда, талош меварзанд, ки мардум аз рӯйдоду воқеаҳои кишвар, минтақа ва ҷаҳон сари вақт огаҳӣ пайдо намоянд.

Комиҷроияҳои ҳизбие, ки дар ин самт дар миёни мардум фаъолона кор бурданд, ба пешрафтҳои қобили мулоҳиза ноил гашта истодаанд. Дар ин самт фаъолияти хуби ташкилоти ҳизбии ноҳияи Раштро зикр намудан ба маврид аст, ки дар минтақа нақшаи шартии обуна ба "Минбари халқ"-ро барзиёд таъмин кард. Созмонҳои ибтидоии ҳизбии ноҳия дар натиҷаи ташкили дурусти маъракаи обуна дар маҷмӯъ ба 640 нусха нашрияи марказии ҳизбӣ обуна шуданд, ки аз нақшаи шартӣ беш аз 100 нусха зиёд мебошад.




Дар ин маъракаи муҳими сиёсӣ ташкилотҳои ибтидоии ҷамоатҳои деҳоти ба номи Нусратулло Махсум (раиси созмони ибтидоии ҳизбияш М. Шарифов), Қалъаи сурх (Ҳ. Давлатов), Боғӣ Раҳимзода (М. Қаландаров), Беморхонаи марказӣ (А. Солиев), мақомоти ноҳия ва дигарон ҳар кадом аз 10 то 100 нусхаӣ ба нашрияи ҳизбӣ обуна шуданд.

-Мо барои ташкили муваффақонаи обуна аз аввали моҳи августи соли ҷорӣ ситоди ноҳиявӣ ташкил намуда, гурӯҳҳои алоҳидаи ҳизбиро барои маърака сафарбар намудем, - гуфт зимни суҳбат раиси кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳия Раҳматҷон Маҳмадов.- Онҳо дар миёни коллективҳои меҳнатӣ, хоҷагиҳои деҳқонӣ, муассисаҳои мактабу маориф, тандурустӣ ва фарҳанг корҳои фаҳмондадиҳӣ бурданд.

Таблиғотчиён дар бораи аҳамияти муҳими матолиби ҳизбӣ, ки дар нашрия ба чоп мерасанд, баҳсу мукоcламаҳо меоростанд. Дар натиҷаи амалӣ кардани чунин тадбирҳо мо ба комёбӣ ноил гаштем. Дар кори хайри обуна мусоидатҳои раиси ноҳия, Қаноатшо Лоиқзода, ки дар ҷаласаҳои ҳарҳафтаина ба ин масъала таъкид менамуд, қобили зикр аст.

Мо аз сардори почтаи ноҳия Шарифҷон Қараев низ сипосгузорӣ менамоем, ки маъракаи обунаро ба таври самарабахш ташкил карда, онро раҳнамоӣ менамуд.

Бояд гуфт, ки имсол сафи хоҳишмандони обуна ба нашрияи ҳизбӣ хеле афзуд. Зимни суҳбату маҳфилҳо мардум ибroз медоранд, ки мазмуну муҳтавои нашрия беҳтар шуда, мақолаҳои хонданӣ ва проблемавии зиёд ба нашр мерасонад. Дар шароити ҳозира рӯзномаҳо махсусан дар деҳот воситаи хуби огаҳӣ аз рӯйдоду воқеаҳо мебошанд. Сокинони ноҳия ҳини маҳфилу ҷамъомадҳо бисёр фикру пешниҳодҳои ҷолиб баён медоранд ва хоҳиш мекунанд, ки бо нашрия робитаи қавӣ дошта бошанд, то ки назару андешаҳояшонро ба мардум расонанд, -афзуд раиси комиҷроияи ҳизб Р. Маҳмадов.

**Усмон СОЛЕҲ,**
*сухангӯи ҲХДТ*

## ТАЪСИСИ ТАШКИЛОТИ ИБТИДОИИ "ПАРЧАМБАРДОРОН"

Санаи 7-уми декбари соли равон, дар доираи чорабиниҳои ҷашнӣ бахшида ба 21-умин солгарди таъсисёбии ҲХДТ, бо мақсади таъсис додани ташкилоти ибтидоӣ бо кормандони Коллеҷи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон дар ноҳияи Синои пойтахт вохӯрии судманд доир гардид.

Дар ҷаласа ду масъала-таъсис додани ташкилоти ибтидоии ҲХДТ ва интихоби раиси ташкилоти ибтидоии ҳизбӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт. Аз рӯи масъалаи якуми чорабинӣ Н. Назаров, раиси Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Сино дар бораи таъсис додани ташкилоти ибтидоии ҳизбӣ ибрози андеша намуда, аз ҷумла, қайд кард, ки чанде пеш аз номи 28 нафар кормандони Коллеҷи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон унвонии раиси Кумитаи иҷроия, ҷиҳати шомил шудан ба узвияти ҲХДТ ариза ва анкета пешниҳод гардид, ки ин ҳуҷҷатҳо мавриди омӯзиш ва баррасӣ қарор гирифта шуданд.

Инчунин мавсуф иброз намуд, ки бо қарори маҷлиси ташкилоти ибтидоии "Эҳё"-и назди Кумитаи иҷроияи ҲХДТ дар ноҳияи Сино қарор дар бораи қабул намудани 28 нафар кормандӣ Коллеҷи тарбияи ҷисмонии Тоҷикистон мутобиқи талаботи Оинномаи ҲХДТ ба узвият пазируфта шуданд, ки ин имконият фароҳам овард бо мақсади муттаҳид намудани аъзои ҳизб дар назди муассисаи мазкур ташкилоти ибтидоии ҳизбӣ таъсис дода шавад.

Ҳамин тариқ аз рӯи ин масъала бо овоздиҳии аъзои ҳизб ҷиҳати таъсис додани ташкилоти ибтидоии ҳизбӣ бо номи "Парчамбардорон" қарор қабул карда шуд ва Қосим Қурбонов директори муассисаи мазкур, раиси ташкилоти ибтидоии ҲХДТ интихоб гардид.

Дар анҷоми чорабинӣ ба ҳамаи он нафароне, ки тоза ба сафи ҲХДТ пайвастанд шаҳодатномаҳои ҳизбӣ супорида, аз онҳо даъват ба амал оварда шуд, ки фаъолияти хешро тибқи талаботи Оиннома ва Барномаи ҲХДТ роҳандозӣ намоянд.

**И.ТОҲИР**

## "ПАРИТОВУС" - ТАШКИЛОТИ НАВИ ҲИЗБӢ

**Нахустин вохӯрии гурӯҳи кории мо бо шиносоӣ ба деҳаи дурдасттарин ва як замон касногузари Бардара аз бинои хушсохт ва таъмири замонавӣ баромадаи мактаби таҳсилоти умумии рақами 29 оғоз гардид.**

**ТАЪМИРИ** ин мактаб аз тарафи дирексияи сохтмони Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба анҷом расонида шудааст. Мактаби замонавии хушсохт ба ин деҳа гуё як шукӯҳу шаҳомати замонавӣ мебахшид.

Раиси ҷамоат Ниёзбек Ниёзбеков иброз намуд, ки ин деҳа дар замони соҳибистиқлолӣ симои худро ба куллӣ тағйир додааст. Хурсандии модарону хоҳарони мо ҳадду канор надошт, зеро ки орзую ормонҳои модаркалонҳои мо, ки ҳаётшон бо ресандагию бофандагӣ гузаштааст, танҳо дар замони соҳибистиқлолӣ ҷомаи амал пӯшидааст. Ва моро ба коргоҳ -сехи кокарди пашм ва бофандагии "Паритовус" шинос кард. Оре, коркарди пашм ин дар гузашта низ вазифа ва шуғли дӯстдоштаи ҳар як зан-модари бадахшонӣ будааст. Модарони мо он вақтҳо роҳ ва усулҳои зиёди коркарду рангубор кардани пашмро медонистанд ва ҷустуҷӯӣ ҳам мекарданд, лекин технологияи наверо, ки бо дастгирии сафорати Австралия ба ин водии дурдаст оварда шудааст, қариб, ки ҳамаи амалиёти ресмонресию коркарди пашмро худаш анҷом дода, кори бонувони ҳунармандро даҳчанд осон мегардонад.

Дар ин коргоҳи дорои технологияи замонавӣ зиёда аз 16 нафар занону духтарони ҷавон, ки нисфи зиёдашон маълумоти олӣ доранд, бо рӯҳияи баланд кору фаъолият мекунанд. Роҳбарии ин коргоҳро, ки аксарияташонро занон ташкил медиҳанд, зани чеҳракушод Саида Ғайбиева бар ӯҳда дорад. Дар ихтиёри онҳо 15 дастгоҳи ресмонресӣ ва як дастгоҳи электрикии пашмтозакунӣ бо тамоми иқтидораш кор мекард. Ин бонувони ҳунарманд бештар ҷӯробҳои гулдори пашминро мебофанд, ки имрӯз дар бозор харидорони худро доранд. Яъне аз ду ранг-сафед ва сиёҳ истифода бурда, камзул, жемпир, дастпӯшак ва ҷӯроб мебофанд.

Нақшҳоеро, ки дар рӯи ҷӯроб ва камзулҳо мебофтанд, дар ҳақиқат ҳам акси пари товусро дорад, ки ин нақшҳо аз замонҳои қадим дар байни модаркалонҳои мо маъмулу маҳбуб будаанд ва орзую ормонҳояшонро дар рӯи ҷӯробҳои гулдор ифода мекарданд.

Модаре бо самимияти баланд ибрози ақида намуд, ки агар сарвари раъиятпарвару ҳимматбаландамон моро дар рӯзҳои вазнин дастгирӣ намекард, аҳволи мо зардидагони офати табиӣ дар фасли зимистони имсола чӣ хел мешуд? Шавҳарам муддати се сол бо ёрии фарзандонам дар Русия кор карда, бо як азобу машаққат хона сохтем, лекин бо амри тақдир хонаҳои мо дар лаҳзаи хеле мудҳиш бар асари селоб дар зери сангу хок монд. Имрӯз бошад, сад шукри парвардигори оламро мекунем, ки бар сари мо мардуми азияткашидаи тоҷик, чунин пешвои саховатмандеро бо исми мубораки Эмомалӣ Раҳмон овардааст, ки ҳамеша ғамхори миллат мебошад. Мо панҷ оилаи зарардидаи деҳаи Бардараи водии Бартанг,- суханашро идома дод ҳамсуҳбатам,- дар ду моҳ соҳиби хонаҳои нави хушсохт бо тарҳи замонавию бо тамоми ашёи рӯзгор таъмин гаштем. Ҳазорон бор аҳсан мегӯем ба сарвари ҳимматбаланду саховатмандамон. Дар хонаи мо риштаю сӯзани ваъдадодаи Сарвари хирадмандамон чун рамзи садоқату вафодории Сарвари давлат барои имрӯзу ояндагонамон дар ҷойи хеле ҳам муқаддас нигоҳ дошта мешавад. Бигузор ояндагони мо донанд, ки ин хонаҳои зебо дар асри 21 аз ҷонибӣ Пешвои миллат, Президенти мардумӣ Эмомалӣ Раҳмон дар ин як гӯшаи дурдасти кӯҳистони водии Бартанг сохта шудааст.

Дар охири суҳбате, ки бо мардум доштам, директори мактаб ба сардори сехи бофандагию ресандагии "Паритовус"-и ин деҳа пешниҳод кард, ки мо мақсад ба ҳадафҳои Барнома ва Оинномаи Ҳизби Халқии Демократии Тоҷикистонро, ки рисолати бузурги ватансозиро таҳти сарварии Пешвои миллати тоҷик Эмомалӣ Раҳмон бар ӯҳда дорад, ҷонибдорӣ намуда, мехоҳем, ки дар деҳаи мо ташкилоти ибтидоии "Паритовус" таъсис дода шавад. Ҷонибҳо ин пешниҳод ва иқдоми некро тарафдорӣ намуда, барои 27 нафар ҷавонписарону ҷавондухтароне, ки бо хоҳиши худашон ба сафи ҲХДТ дохил шудан мехостанд, дар роҳи амалӣ гардидани ҳадаф ба орзуҳояшон муваффақиятҳо таманно намудаанд.

**Гулнисои ҚАДАМЕН,**
*раиси КИ ҲХДТ*
*дар ноҳияи Рушон*

Минбари халқ
9 декабри соли 2015,
№50 (1029)

# ТАҲДИДИ «ДИИШ» БА ИДЕОЛОГИЯИ МИЛЛӢ

***Чанд моҳи охир пурқувват гаштани давлати эътирофнашудаи ба ном исломӣ ва амалҳои барбаронаву ҷоҳилонаи террористон, дар Аврупову Осиё хатарҳои гуногуни амалӣ ва идеологӣ ба вуҷуд овард, ки мақсади он ҷомеаи ҷаҳониро ба даҳшату тарс мувоҷеҳ кардан буд. Ин мақсади худхоҳонаву алайҳи фармудаҳои арзишҳои исломӣ воқеан, хатари ошкоро эҷод кард. Бонги хатари задаи бархе аз давлатҳо перомуни ҷиддияти масъала, чанде аз абарқудратонро, ки дар ин миён ғаразҳои дигареро ба дунбол доштанд, дар оғоз мақбул нагашт, то рӯзе, ки фоҷеа дари худи онҳоро накӯфт.***

***Инак, бо оғози амалиётҳои ҳарбӣ дар Сурия аз ҷониби Россия ва хоса баъди ошкор гаштани сабаби суқути ҳавопаймо бо шаҳрвандони ин кишвар, даҳҳо маротиба афзудани бомбабороні ба минтақаи ҷойгиршавии террористон зери унвони "Возмездия"(то охирҳои моҳи ноябр зиёда аз 500 парвози ҷангӣ ва нобуд кардани зиёда аз 800 нуқтаи муҳими террористон) ё ба ном "Давлати исломӣ" дар пайи террорҳои мудҳиши Париж, ҷомеаи ҷаҳонӣ бори дигар бовар ҳосил кард, зери пардаи Ислом гурӯҳҳои ифротгаро ғаразҳои дигареро амалӣ мекунанд, ки инсони солим онро қабул надорад. Перомуни хатарҳои рӯйдодҳои охир ба идеологияи миллии мо ва арзишҳои давлати миллӣ суҳбате доштем бо Худобердӣ ХОЛИҚНАЗАР, Директори Маркази тадқиқоти стратегии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон.***



**- Устоди муҳтарам, Шумо зимни суханрониатон дар конфронси ҷумҳуриявии "Дин ва миллат: Низоъҳои идеологӣ ва сиёсӣ дар ҷаҳони ислом" аз ҷумла қайд кардед, ки террористони ба ном "Давлати исломӣ" бо навтарин технология муҷаҳҳаз буда, мутахассисони компютер (айтишник) дар тӯли се соати амалӣ кардани террор системаи компютерии Фаронсаро пурра аз кор бароварда тавонистанд. Маблағҳои калони солиёни охир масрафкардаи онҳо барои гузоштани таъсири идеологӣ ва ҷалби зархаридон аз Осиёву Аврупо ва усулҳои наву хосаи таъсиррасонӣ тавассути шабакаҳои иҷтимоӣ барои пурра кардани сафҳои хеш аз ҳисоби ҷавонони мамолики гуногун (аз ҷумла зиёда аз 500 нафар тоҷикистониён) ва барангехтани низоъҳои мазҳабӣ хатари бузургест, ки масъалаи амнияти ҷаҳонро зери суол мебарад. Асли масъала ё таҳдид барои кишвари мо айни замон аз нигоҳи Шумо дар чист ва чӣ бояд кард?**

-Воқеан тафаккури ифротӣ, гурӯҳҳои ифротгарои динӣ ва созмонҳои террористӣ ҳамчун як хатари бузурги минтақавӣ ва ҷаҳонӣ, имрӯз амният ва мавҷудияти аксари кишварҳои на танҳо Аврупоӣ, балки мусулмоннишинро зери таҳдиди ҷиддӣ қарор додаанд.

Раванди ба гурӯҳҳои ифротӣ пайвастани ҷавонон дар кишварҳои гуногуни ҷаҳон, аз ҷумла бархе аз фирефташудагони мо, нишон медиҳад, ки насли нави ифротгароёни динӣ, хусусан, пайравони гурӯҳи террористии ба ном "Давлати исломӣ" роҳҳои наву пуртаъсири таблиғу ташвиқи андешаҳои худро дар байни ҷавонон ба роҳ мондаанд. Маҳз ҳамин равиши таблиғотии соддаву таъсирнок ва истифодаи васеъ аз воситаҳои муосири иттилоотӣ, расонаҳои электронӣ ва шабакаҳои иҷтимоӣ яке аз омилҳои муваффақияти ин гурӯҳ ва ҷойгоҳи байналмилалӣ пайдо кардани он ба ҳисоб меравад.

Дар шароити пешомада, танҳо сафарбарсозии тамоми имкониятҳои моддиву маънавӣ ва ба роҳ гузоштани як набарди умумимиллӣ метавонад роҳи дурусти мубориза бо ин тафаккур ва ин қувва бошад.

**- Хатари тафаккури ифротгароӣ ба давлатдории миллӣ ва истиқлолияти давлатии мо дар чӣ зуҳур меёбад?**

- Мувофиқи тафаккур ва таълимоти гурӯҳҳои ифротии динии имрӯза, ягон кишвари мусулмоннишин бояд ҳамчун давлати мустақил вуҷуд надошта бошад. Яъне, бояд ҳамаи ин давлатҳо маҷбуран ишғол ва ба таркиби "хилофати ягонаи исломӣ" дохил гашта, ҳамчун як ноҳияи "хилофат" бечуну чаро ба халифаи ягонаи онҳо итоат кунанд.

Ин тарҳ ва ин андеша ҳатто дар ҳуҷҷатҳои таъсисӣ, дар низомномаҳо ва дар маводи таблиғотии гурӯҳҳои ифротии динӣ ба таври расмӣ, дақиқ ва возеҳ ифода шудааст, ки ҳеҷ ҷойи шаккеро боқӣ намемонад. Масалан, ҳаракати ифротгарои "Ҳизби таҳрир" солҳост, ки дар оиннома ва варақаҳои таблиғотии худ ба таври расмӣ назарияи "бунёди хилофати ягонаи исломӣ"-ро таблиғу ташвиқ менамояд. Созмони даҳшатангез ва ифротгарои ба ном "Давлати исломӣ" (ДИИШ) бошад, харитаи сиёсии хилофати исломии худро тартиб дода, онро дар расонаҳо ҳамаҷониба паҳн ва таблиғ мекунад. Ҳамин тавр, ҳаракоти имрӯзаи ифротгароии динӣ ва гурӯҳҳои ифротии динӣ бар зидди мавҷудият ва истиқлолияти давлатҳои мустақил, ошкоро мақсад гузоштааст, ки ҳамаи давлатҳои мусулмоннишинро бо зӯрӣ ишғол карда, ҳамчун вилоятҳо ва ноҳияҳои вобаста ба тобеияти худаш дарорад.

**-Яъне, онҳо хилофи дунявият, ки ба ташаккули миллатҳо роҳ мекушояд мебошанд ва бо характери сиёсӣ додани дин дар муқобил ё таззод бо дунявият қарор мегиранд?**

-Бале, бубинед, ташкилоти террористии "Боку ҳаром", яъне "Аврупо ҳаром аст", системаи демократиро дар кулли кишварҳои ҷаҳон ҳаром эълон кардаанд. Ин аст, яке аз хатарҳои бузурги идеологияи террористон зери номи Ислом, барои дигарон ва барои мо ҳам.

**-Бо чӣ далел гурӯҳҳои ифротии динӣ ба таърих, фарҳанг ва арзишҳои миллии мардумон душмании оштинопазир доранд?**

- Яке аз хусусиятҳои асосии ифротгароии динӣ, хусусан гурӯҳҳои салафияи такфирӣ, дар он аст, ки ин ҳаракат аз бисёр назар ба миллигароии ифротии арабӣ пайваст буда, араб буданро ҳамчун як имтиёз ва ифтихор ҳисоб мекунад.

Масъалаи "арабу аҷам" ё шакли имрӯзааш, баҳси "Эрону араб" бошад, дар тӯли таърихи ҳамзистии ин ду халқ ташаккул ёфта, масъалаҳои қавмӣ, нажодӣ, фарҳангӣ, сарзаминӣ, арзишӣ, динӣ, мазҳабӣ, сиёсӣ ва ғайраро дар бар мегирад, ки шарҳи он як баҳси дигари бисёр тӯлонист. Мутаассифона, дар замони муосир низ ин баҳс дар сатҳҳои гуногун идома дошта, гоҳо зери шиорҳои миллӣ, гоҳо зери шиорҳои мазҳабӣ ва гоҳи дигар зери шиорҳои сиёсию геополитикӣ сурат мегирад.

**-Махсусияти ин масъала ё ақида дар чист?**

-Яке аз хусусиятҳои асосии ақида ва таълимоти гурӯҳҳои навпайдои ифротии динӣ дар он аст, ки онҳо ба фарҳангу маърифат ва хусусан, ба тасаввуфу ирфон назари шадидан манфӣ дошта, онро умуман эътироф намекунанд. Хоса пешвоён ва назариясозони равияи салафияи такфирӣ ҳамеша тасаввуфу ирфони исломӣ ва адабиёту осори ирфониро маҳкум намуда, дар бораи он ҳукмҳои қатъии нави худро эълон намудаанд. Ҳамин тариқ, яке аз хусусиятҳои асосии ифротгароии муосири динӣ, ин зиддият бо мардуми эронинажод ва нафрат ба фарҳангу тамаддуни тоҷикию форсӣ мебошад, ки албатта тамаддуну фарҳанги моро зери хатар мегузорад.

**- Оре, намунаи инро дар тахриб кардани беҳтарин ва қадимтарин ёдгориҳои бузурги мавзеъҳои зери тасарруфи онҳо дидан мумкин аст. Вале моҳияти амалҳои зиддифарҳангӣ ва зиддитамаддунии гурӯҳҳои ифротии динии имрӯза аз куҷо сарчашма дорад? Мушаххасан чанд мисол меовардед.**

- Гурӯҳҳои ифротии динии имрӯза, хусусан гурӯҳҳои салафияи такфирӣ ва ҷиҳодӣ бо ҳама гуна осори ҳунар, фарҳанг, таърих ва тамадун дар ҷанг қарор дошта, чун як нерӯи торики барбарии зиддитамаддунӣ тамоми осори фарҳангиву ҳунариву таърихиро огоҳона нобуд мекунанд.

Метавон ба баъзе мисолҳое рӯ овард, ки дар ҳамин солҳои охир дар пеши чашми тамоми башарият рух доданд:

*- гурӯҳи ифротгарои "Толибон"-и Афғонистон баробари ба ҳокимият расидан дар соли 1996 ба нобудсозии пайвастаи тамоми осори ҳунарӣ, таърихӣ ва тамаддунии ҳудуди ин кишвар оғоз намуд;*

*- гурӯҳи ифротгарои динии "Боку ҳаром" ва "Аш-шабоб", ки дар кишварҳои Нигерия, Сомали ва Мали фаъолият доранд, соли 2011 пас аз ишғоли шаҳри таърихии Тумбакту, бузургтарин ганҷинаи китобҳо ва дастхатҳои нодир дар Африқоро огоҳона хароб карда, бино ва китобҳои онро ба коми оташ кашиданд;*

*- гурӯҳи ифротии ба ном "Давлати исломӣ" дар ду соли ҳокимияташ бар баъзе минатқаҳои Ироқ ва Сурия, даҳшатноктарин амалҳои зиддифарҳангӣ ва зиддитамаддуниро ба намоиш гузошт- баробари ишғоли шаҳрҳо чун қабилаҳои ваҳшӣ вориди музейҳо шуда, тамоми ёдгориҳои ҳунариву фарҳангии бостониро бо табару зогнулу арраҳои барқӣ мешикастанд ва тамоми китобу мусавваравву нигораҳоро пора мекарданд ва ин амалҳои хешро ба намоиш мегузоштанд.*

Ин аст, ки ҳар як инсони бофарҳангу тамаддун ва ҳар як инсони огоҳу озод бояд худаш, бо дарки ҷиддияти масъала дар мубориза бо ин офати азим шахсан саҳм гирад ва ба ин муборизаи тамаддун алайҳи ҷаҳл, ба ин муборизаи фарҳанг бо бефарҳангӣ ҳамроҳ шавад.

**- Муҳтарам Худобердӣ Холиқназар, мусаллам аст, ки аз тарафи шаҳрвандон пурра дарк шудани ин ҷанбаи масъала барои ташаккули муносибати оштинопазири онҳо бо гурӯҳҳои ифротӣ бисёр муҳим мебошад. Шояд миёни ҳамватанони мо ҳанӯз ҳам ашхоси фирефтаву андешаи ифротӣ доштае бошанд, ки ба ДИИШ напайвастаанд, вале таъсири ин идеологияи ифротгаро дар зеҳнашон таъсире гузошта. Пас вазифаи мост, ки бо тафаккури онҳо кор барем, бо додани иттилои дуруст ва огаҳ кардан аз мақсадҳои аслии террористону ифротгароён, чашми онҳоро кушоем. Бигӯед, ки муносибати ҷомеа бо чунин нафарон чӣ гуна бояд бошад?**

- Албатта ҳар фарди огоҳ бояд вазифаи муқаддаси худ бидонад, ки ақаллан атрофиёни хешро аз зери таъсири ифротгароӣ мондан наҷот диҳад. Имрӯз шаҳрвандоне, ки ба сафи равия ва ҳизбу ҳаракатҳои ифротии динӣ ҳамроҳ мешаванд, илова бар ҷинояткор будан, хоини ватан ва миллат ҳисобида мешаванд. Дар ин бора Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар суханронии худ аз 26-уми июли соли 2015 дар бораи ин гуна шахсон чунин гуфта буд: "Аз марги баъзеашон ба падару модар маълумот расидааст, онҳо аз ин амали нангини фарзандонашон миёни хешу табор ва ҳамсояҳову аҳли ҷомеа дар хиҷолатанд, чунки фарзандони онҳо ҳам ба Ватан - Модар ва ҳам ба мазҳаби ҳанафӣ хиёнат кардаанд. Дар тӯли таърих ягон халқу миллат хиёнат ба Ватан - Модар, Давлат ва мардумро набахшидааст ва намебахшад."

Яке аз муҳимтарин барномаҳои гурӯҳҳои ифротӣ аз байн бурдани давлатҳои мустақил дар минтақаи мо, аз ҷумла аз байн бурдани Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Онҳо ин нияти худро расман эълон карда, кишвари моро ҳамчун як ноҳияи хурди "хилофат"-и худ пешбинӣ мекунанд. Илова бар ин, онҳо ба сохти давлатдорӣ, тарзи зиндагӣ, арзишҳои миллӣ ва таърихии мо муқобил буда, нисбати онҳо нафрати беандоза доранд. Ҳар шаҳрванди Тоҷикистон, ки ба ин гурӯҳҳои ифротӣ ҳамроҳ мешавад, бевосита дар чунин мақсадҳои шуми онҳо ва дар фаъолиятҳои зиддидавлатӣ ва зиддимиллии онҳо шарик мешавад. Мусаллам аст, ки ин шаҳрванд барои аз байн бурдани давлати худ ва барои нобуд сохтани миллати худ барои амалӣ шудани ин мақсади душманони миллат ба онҳо ёрӣ мерасонад. Ҳамин тавр, чунин нафарон дар муқобили давлати худ, бар зидди ватани худ ва дар душманӣ бо миллати худ қарор мегирад, ки бешак хоини ватан ва хоини миллат мешавад!

*Мусоҳиб*
**Ҳуриннисо АЛИЗОДА**




# Чаро қурби доллар боло рафт?

**Танзими асъор бо назардошти шароити иқтисодиёт ва бозори молиявӣ ба роҳ монда мешавад. Масалан, бо тариқи интервенсияи асъорӣ ё девалватсия. Яъне, Бонки миллӣ барои баланд бардоштани қурби пули миллӣ аз ҳисоби захираҳо асъори хориҷиро ба фурӯш мемонад, барои паст кардан бошад, асъори хориҷиро бо пули миллӣ харидорӣ мекунад. Ин мафҳум барои иқтисодчиёни Бонки миллии Тоҷикистон ошно буда, баҳри танзими қурби асъори миллӣ пайваста талош мекунанд. Аммо охири моҳи гузашта ва аввали моҳи декабр арзиши қурби доллари амрикоӣ ба дараҷае боло ҷаҳид, ки беқурбшавии сомонӣ аксари сокинонро ба воҳима афтонид.**

Замоне, ки мутобиқи пешниҳоди Бонки миллӣ қурби расмии 1 доллари амрикоӣ дар сатҳи 6 сомонию 72 дирам муқаррар шуда буд, дар нуқтаҳои мубодилаи асъор ин рақам аз 7,35-45 сомонӣ ва аз ин ҳам зиёд ба фурӯш гузошта мешуд. Дар нуқтаҳои мубодила саррофон 100 доллари амрикоиро аз мизоҷон 695-700 сомонӣ харидорӣ ва бо арзиши ба худашон фоидаовар, ки то 750 сомонӣ дакка хӯрда буд, ба фурӯш мегузоштанд. Ҳафтаи гузашта якбора нархи фурӯши доллар дар нуқтаҳои муболилаи асъор боло рафта, ба 7 сомониву 60 дирам дакка хӯрд. Мақомоти Бонки миллии Тоҷикистон чунин болоравии қурби долларо сунъӣ ва кӯтоҳмуддат номида, ба чанд омил, аз ҷумла

*- раванди пурқувват шудани доллари амрикоӣ вобаста ба интизориҳо аз баланд шудани фоизи қарздиҳии Бонки маркази ИМА:*

*- бад шудани вазъи геополитикии ҷаҳон, бинобар воқеаҳои Сурия ва Туркия;*

*- пастравӣ ва ноустувории нархи нафт ва вобаста ба ин тағйирёбии аз эътидол беруни қурби асъори миллии шарики асосии тиҷории мо -Федератсияи Русия;*

*- омили мавсимӣ ва вобаста ба он кам шудани вориди асъори хориҷӣ ба ҷумҳурӣ;*

*- омилҳои равонӣ вобаста ба интизориҳои бад шудани вазъияти ҷаҳон, минтақа ва тағйирёбиҳои минбаъдаи қурб;*

*- ҳаннотии кормандони нуқтаҳои мубодилаи асъорро сабабҳои асосии ноустувории қурби доллари амрикоӣ дар муқоиса ба дигар пулҳо нисбат медиҳад.*

Дар радифи ин омилҳо, ки ба пастии қурби асъори миллӣ боис мешавад, камкифоягии истеҳсоли худист. Истеҳсолоти ватанӣ ба таври дилхоҳ бозори дохилиро таъмин карда наметавонад ва аз воридот вобастагӣ дорад. Феълан натанҳо техника ва таҷҳизот, балки маводи хӯрокворӣ ва либос ҳам аз хориҷи кишвар ворид мегардад. Потенсиали содиротӣ дар сатҳи паст қарор дошта, тавозуни савдои хориҷӣ дар соли 2014 ба касри зиёда аз 3 миллиард доллари амрикоӣ ҷамъбаст гардид. Дар маҷмӯъ, вобастагӣ аз воридот талаботро нисбат ба асъори хориҷӣ зиёд намуда, захираи он талаботи рӯзафзунро қонеъ карда наметавонад. Ва ин фишори номатлуб ба коҳиш ёфтани пули миллӣ оварда мерасонад.

### 3200 НУҚТАИ МУБОДИЛАИ АСЪОР АЗ ФАЪОЛИЯТ БОЗМОНД

Ҷамолиддин Нуралиев - муовини аввали раиси Бонки миллии Тоҷикистон дар брифинге, ки санаи 4 декабр бо иштироки васеи хабарнигорон доир шуд, изҳор дошт, ки муддати ду ҳафтаи охир васоити ахбори омма оид ба вазъи бо-



зори асъор, тағйиёбии қурби пули миллӣ маводи зиёде пешниҳод намудаанд, ки мутассифона бештари ин маводҳо ба воқеияти феълӣ ҷавобгӯй нестанд. Имрӯз ба касе пӯшида нест, ки идома ёфтани бӯҳрони сиёсӣ -иқтисодӣ ва ноустувории молиявӣ дар як қатор кишварҳо, аз ҷумла шарикони тиҷоратии кишвари мо ва мамлакатҳои ҳамсарҳад таъсири манфии худро ба вазъи иқтисодиёти ҷумҳурӣ, ба хусус ба бозори асъор расонидааст. Таҳлилҳо собит менамоянд, ки то имрӯз қурби расмии сомонӣ дар муқоиса ба доллари амрикоӣ 27, 4 фоиз коҳиш ёфтааст. Ба ибораи дигар гӯем қурби бозории доллар аз 5, 47 сомонӣ то ба 7, 18 сомонӣ барои як доллар боло рафт. Бояд хотиррасон намоем, ки таъкид менамояд, Ҷ. Нуралиев, дар ин муддати асъори миллии ҳатто кишварҳои пешрафта дар муқоиса ба доллар беқурб шуданд. Масалан евро дар ин давра 12, 4 %, рубли русӣ 12, 7%, юани чинӣ 2, 9 %, йени японӣ 3, 1% коҳиш ёфтааст. Дар радифи ин омил далели тааҷҷубоваре ҳаст, ки қурби доллар нисбат ба сомонӣ аз аввали моҳи январ то 4 майи соли равон 24, 6 % ва аз ин сана то имрӯз ҳамагӣ 6, 7% баланд шудааст. Ва 6,1% ин рақам дар даҳаи охири моҳи ноябр рост меояд. Чунин тағйирёбии босуръат аз фаъолияти ҳаннотии саррофон дарак медиҳад. Ва барои пешгирии ин амали барои хоҷагии халқ зиёновар тасмим гирифта шуд, ки фаъолияти нуқтаҳои мубодилаи асъор қатъ карда шаванд. Баста шудани нуқтаҳои саррофӣ танҳо ба хотири ба низом даровардани бозори муболилаи асъори хориҷӣ мебошад, таъкид мекунад, Ҷ.Нуралиев ва илова менамояд, ки бо мақсади пешгирии ҳаннотӣ мубодилаи сомонӣ ба асъори хориҷӣ танҳо ба бонкҳо ва ташкилотҳои қарзӣ иҷозат дода шудааст.

Як санҷиши нуқтаҳои мубодилаи асъори "Тоҷиксодиротбонк", "Тоҷпромбонк", "Соҳибкорбонк" ва Ташкилоти амонатию қарзии хурди "Васлат" ҳолатҳои худсарона муайян кардани қурби асъор, ҷой доштани фарқ байни қурбнома ва фармоиши саридораи бонк ва дигар камбудҳо ошкор намуда, то имрӯз алайҳи 38 тан аз кормандони нуқтаҳои мубодилаи асъор парванда боз шуда, онҳо ба пардохти ҷаримаҳои калон дар ҳудуди аз 60 000 то 100 ҳазор сомонӣ вазифадор карда шудаанд.

Ҳарчанд ба якборагӣ бастани нуқтаҳои муболилаи асъор ва рӯ овардан ба бонкҳо барои ивази маблағ барои муштариён мушкилӣ пеш меоварад, аминем, ки минбаъд ба равнақи "фаъолият"-и саррофони фоидаҷӯй роҳ дода намешавад. Ҳамчунин бо мақсади пурзӯр карда шудани ҷавобгарии шахсони воқеӣ барои ғайриқонунӣ анҷом додани амалиёти мубодилавӣ ва истифодаи асъори хориҷӣ ба Кодексҳои маъмурӣ ва ҷиноятӣ тағйирот омода карда шуда, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод карда шудаанд, таъкид менамояд, Ҷамолиддин Нуралиев.

Имрӯз аз ҳисоби мутахассисони Бонки милии Тоҷикистон ситод ва гурӯҳҳои кории фаврӣ таъсисшуда, фаъолияти муассисаҳои ташкилотҳои қарзӣ дар бозори дохилии асъор назорат карда мешавад.

***Истеҳсолоти ватанӣ ба таври дилхоҳ бозори дохилиро таъмин карда наметавонад ва аз воридот вобастагӣ дорад. Феълан натанҳо техника ва таҷҳизот, балки маводи хӯрокворӣ ва либос ҳам аз хориҷи кишвар ворид мегардад.***

### "САҲМ"-И ТАШКИЛОТҲОИ ҚАРЗИИ ХУРД ДАР БОЛОРАВИИ ДОЛЛАР

То ҷое иттилоъ дорем, дар як ҷаласа Ҷамшед Нурмуҳаммадзода , раиси Бонки миллии Тоҷикистон каммасъулиятии раҳбарони ташкилоти қарзӣ ва сӯистифодаи кормандони нуқтаҳои мубодилаи асъорро аз омилҳои болоравии қурби доллар дар баробари сомонӣ қаламдод намуда, ҳушдор додааст, ки нисбат ба ташкилотҳои қарзие, ки талаботи Бонки миллиро иҷро накардаанд ва ё худсарона вайрон намудаанд, дар шакли ҷаримаҳои калон чора андешида мешаванд.

Ҳамчуноне аз шуъбаи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагони хизматрасонии низоми бонкии БМТ иттилоъ медиҳанд, имрӯз 131 адад ташкилоти қарзӣ, аз ҷумла 17 бонк, 41 ташкилоти амонатии қарзии хурд, 37 ташкилоти қарзии хурд ва 36 фонди қарзии хурд фаъолият менамоянд. Шумораи филиалҳои бонкҳо 354 ададро ташкил медиҳад. Дар ин давра иҷозатномаҳои 14 ташкилоти маблағгузории хурд бозхонд ва барои 24 адад ташкилотҳои қарзии хурд гузаронидани амалиёти пешниҳоди қарзҳои хурд манъ карда шуд.

Мусаллам аст, ки 131 ташкилоти қарзӣ бо 354 филиалӣ худ барои ҷалби мизоҷон ва пешбурди амалиёт фаъолият мебарад. Вале суоли матраҳ он аст, ки бонкҳои тиҷоратӣ ва ташкилотҳои қарздиҳӣ то кадом андоза баҳри таъмини вазъи иҷтимоии сокинон, бахусус табақаи камбизоати аҳолӣ саҳм дошта бошанд? Мақоли машҳуре ҳаст, ки "на мисли теша сӯи худ каш ва на мисли бел ба пеш тела деҳ, балки мисли арра бош, ки ба ҳарду ҷониб нафърасон бошӣ" . Хоҳони он нестем, ки чун як қатор кишварҳои пешрафта аз хизматрасонии чунин бонкҳову ташкилотҳои қарзӣ барҳам зада шаванд . Вале донистан мехоҳем, ки ин хазинаи қарздиҳӣ то кадом андоза дархӯри мардум аст. Мабод, ки он барои ғанӣ гардонидани сармояи худу ҳарчи муфлистар шудани мо камар баста бошад? То ҷое аз забони шоҳидони ҳол мешунавем, баъзе барои пешбурди соҳибкорӣ манзилро ба гарав гузошта, аз бонкҳо қарз гирифтаанду баробари пардохт карда натавонистани фоизҳои қарз бехона шуданд. Дигаре барои пардохти қарзи бонкиаш хонашро ба фурӯш гузошта, иҷоранишин аст. Бархе аз қарздорон барои пӯшонидани қарзҳо ба мардикорӣ рӯ ниҳодаву як корманди масъули филиали яке аз бонкҳои овозадор дар ноҳияи Мастчоҳи Кӯҳӣ пасандози сокинонро ба яғмо бурда,аз кишвар фирор намудааст ва имрӯз мизоҷон сарсону ҳайрონанд.

Яқин аст, ки бонкҳои тиҷоративу ташкилотҳои қарздиҳӣ сармояро аз бонкҳои хориҷӣ бо фоизи муайян ворид мекунанд, вале ба болои ин фоиз дар Тоҷикистон то кадом меъёр зам мешуда бошад? Тасмим дорем дар шумораҳои минбаъда паҳлуҳои фаъолияти қарздиҳандагонро омӯхта, бо истифода аз арқоми мавҷуда фаъолияти рӯзмарраи онҳоро пайгирӣ намоем.

**Маъруфи БОБОРАҶАБ**

**Дар Форуми 2-юми минтақавии сироятшудагон ба вируси норасоии масуният (ВНМО) оқибатҳои сахти ин гирифторӣ барои хонаводаҳо ва ҷомеа таъкид шуд.**

# СПИД



# БА РУШДИ ҶОМЕА ТАЪСИРИ МАНФӢ МЕРАСОНАД

***Дар ин форум, ки бо иштироки намояндагон аз Тоҷикистон, Қазоқистон ва Қирғизистон доир гардид, мавзӯи дастгирӣ ва таҳкими иқтидори созмонҳои миллӣ дар Осиёи Марказӣ, баланд бардоштани сатҳи огоҳии ҷомеа, пешгирӣ аз ҳазару таҳқир нисбат ба шахсони алоҳида ва хонаводаҳо мавриди баҳс буд. Иштирокчиёни ин ҳамоиш аз ҷумла таъкид карданд, ки оқибатҳои харобиовари вируси норасиии масунияти одам (ВНМО) нафақат ба шахсони алоҳида ва оилаҳои онҳо, балки ба рушди иқтисодиву иҷтимоии кишварҳо ҳам таъсиргузор аст. Иштирокчиёни ҳамоиш барои пешгирӣ аз идома ва тавсеаи чунин вазъият бар зарурати дастгирии одамони гирифтори ВНМО таъкид карданд.***

***Форуми минтақавӣ бо мусоидати Оҷонси Рушди Байналмилалии Америка (ЮСАИД) ва Иттиҳодияи одамони гирифтори ВНМО дар Осиёи Марказӣ ҳафтаи гузашта дар Душанбе баргузор гардид.***

***Муовини вазири тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии ҶТ Наврӯз Ҷаъфаров дар оғози ин ҳамоиш гуфт, ки ҳимоят аз тарҳҳои марбут бо пешгирии ВНМО ва кумак ба гирифторони бемории дар ҷомеа бо номи СПИД ёдшаванда, бахше аз барномаи миллӣ ҷиҳати ҳифзи саломатӣ аст.***

***Ӯ қайд намуд, ки мақсад аз ин иқдом маҳдуд кардани заминаи гирифторӣ ба вируси ин беморӣ дар ҷомеа мебошад.***

***Вакили муваққати Сафорати ИМА дар Тоҷикистон дар форум аз оқибатҳои харобиовари ин вирус, аз ҷумла сахтиҳое, ки гирифторони ВНМО мебинанд, таъсири он ба тамоми паҳлуҳои рушди кишварҳо дар саросари ҷаҳон ёдовар шуд.***

***Иштирокчиёни ҳамоиш аз ниҳодҳо ва созмонҳо даъват карданд, ки ба ҳар васила одамони гирифтори ин вирусро дар зиндагӣ ва дар амри мубориза бо беморӣ дастгирӣ намоянд.***

***Дар доираи баррасии масоили мавриди баҳс мутахассисони Марказҳои ҷумҳуриявии ВНМО аз кишварҳои иштирокчӣ, ниҳодҳои вобаста ба СММ, Фонди "ВНМО- Шарқ- Ғарб", кормандони ниҳодҳои давлатӣ, намояндагони созмонҳои ғайридавлатӣ, ки бо одамони гирифтори ин вирус ҳамкорӣ мекунанд, ширкат намуда, доир ба таҷриба ва роҳҳои фаъолият бо мақсади пешгирӣ аз паҳн шудани вирус, такмили механизми ҳамкорӣ миёни ниҳодҳои давлатӣ ва ғайридавлатӣ табодули назар карданд.***

***Бар асоси омори эълоншуда, дар ҳоли ҳозир бештари гирифторони ВНМО дар Осиёи Марказӣ дар Қазоқистон умр ба сар мебаранд.***

***Марина Максимова, мутахассиси Иттиҳодияи одамони гирифтори ВНМО дар Осиёи Марказӣ (Алмаато) ба хабарнигори "МХ" гуфт, ки шумораи гирифторон дар ин кишвар 14474 нафар буда, аз ҷумла 8463 нафар мардон мебошанд.***

***Вай қайд кард, ки дар Қазоқистон ҳам чун дар дигар кишварҳои минтақа бештари гирифторони ин вирус одамони синни аз 28 то 30 сола буда, 59 дарсади мубталоёнро ташкил медиҳанд.***

***Дар Қирғизистон, ки 6 миллион нафар аҳолӣ дорад, 9102 нафар ( 4340 мард ва 2338 зан) бо ин вируси харобиовар зиндагонӣ мекунанд.***

***Гирифторони ВНМО дар Тоҷикистон 7402 нафар ва аз ин шумора 2248 нафар дар шаҳри Душанбе ба қайд гирифта шудаанд.***

Мусоҳиба

## Намехоҳед СПИД шавед?
## Донистани он роҳҳои пешгирӣ аст

***Зӯҳро Нурляминова, мудири шуъбаи назорати диспансерии Маркази ҷумҳуриявии мубориза бар зидди ВНМО дар Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҶТ яке аз иштирокчиёни Форуми 2-юми минтақавии сироятшудагон ба вируси норасоии масуният (ВНМО-СПИД) аст. Вай аз ҷумлаи гузоришгароне буд, ки дар ин нишаст дар бораи вазъияти беморӣ ва сироятшудагон дар кишвар суханронӣ кард. Мо бо ӯ дар хусуси роҳҳои пешгирӣ, вазъи сироятшудагон ва иқдомоти анҷомшуда аз сӯи давлат барои табобати онҳо суҳбат кардем.***

**- Дар оғоз бигӯед, ки омилҳои бемории марговари СПИД чист? Барои пешгирӣ аз сироятшавӣ мардум чиҳоро бояд донад?**

-Вируси норасоии масунияти одам бемории хатарнок ва гузаранда буда, аз шахси сироятшуда ба одами солим мегузарад. Мутахассисон се роҳи гузариши ин бемориро муайян кардаанд, ки истифода аз сӯзандоруҳои яккарата дар чанд одам ва омезиши хуни одамони мубтало ба хуни одамони солим яке аз роҳҳои паҳн шудани ин беморӣ аст.

Роҳи дигари гирифтор шудан ба он алоқаи ҷинсӣ мебошад, яъне алоқаҳои ҷинсии беҳимоя низ боиси гирифторӣ ба ин беморӣ мешавад. Агар дар соли 2008 фақат 10 дарсади беморон ба сабаби алоқаҳои берабти ҷинсӣ сироят шуда буданд, мутаассифона имрӯз ин гуна сироятшудагон дар ҷамъи мубталоён 44 дарсадро ташкил медиҳанд.

Роҳи сеюм, гузариши вирус аз модари сироятшуда ба тифл ҳангоми ҳомиладорӣ, таваллуд ва синамаконӣ аст.

ВНМО бо роҳи даст фишурдан, дар як табақ хӯрок хӯрдан, ба оғӯш гирифтан ва муоширaт намегузарад.

**-Дар Тоҷикистон барои пешгирӣ аз ин беморӣ чӣ чораҳо андешида шудаанд?**

- Мо пеш аз ҳама корҳои тарғиботиву назоратӣ ва табобатиро ба роҳ мондаем. Барномаи миллӣ барои солҳои 2011-2015 мавриди иҷро қарор гирифта, акнун гурӯҳи корӣ барномаи нави ВНМО-ро барои солҳои 2016-2020 омода намудааст. Дар ин замина аз тарафи Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоии аҳолии ҷумҳурӣ дастурҳое низ имзо шудаанд. Фармонҳои вазир "Оид ба хизматрасонии тиббӣ ба беморони ВНМО", "Доир ба пешгирии сирояти ВНМО аз модар ба кӯдак" аз он ҷумла аст. Дар доираи рӯзи мубориза зидди ВНМО (1 декабр) дар мактабҳои миёна, макотиби олӣ, Коллеҷи тиббӣ, Вазорати корҳои дохилӣ чорабиниҳо баргузор кардем. Бояд дар ёд дошт, ки огоҳии ҳар чӣ бештар дар ин бора аз роҳҳои муассири пешгирӣ аст.

**- Хатари густариши беморӣ ва миқдори мубталоёни вируси он дар кишвар дар кадом сатҳ аст?**

- Бори аввал дар Тоҷикистон ин беморӣ соли 1991 ошкор шуда буд. Соли 2014 аз бемории вируси норасоии масунияти одам 1008 нафар ба қайд гирифта шуд ва дар 9 моҳи соли 2015 ҳам 844 сироятшудагон дар Маркази ҷумҳуриявии мубориза бар зидди ВНМО ба қайд гирифта шуда, аз ташхис гузаштанд. Ҳоло шумораи умумии мубталоён 7402 нафарро ташкил мекунад.

Аз рӯи нишондоди омор дар Душанбе 2248 нафар, вилояти Суғд 1472, вилояти Хатлон 1816, вилояти Бадахшон 465 ва ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ 1401 нафар сироятшудагон ҳастанд. Аз ин шумора 44,9% ба тариқи алоқаи ҷинсӣ, 45,4 % бо роҳи сӯзандору ва 5,3% аз модар сироят шудаанд.

Чӣ хеле мебинед, бахши асосии сироят, тавре мегӯянд, ба кормандони шаҳвати тиҷоратӣ рабт дорад. Ба онҳо, аз ҷумла занону мардоне дохил мешаванд, ки ҳамхобаҳои худро тез-тез иваз мекунанд. Ин гурӯҳҳо нафароне мебошанд, ки хатари сирояти ВНМО дар онон зиёд аст.

Нафарони солим фикр мекунанд, ки ин беморӣ ба онҳо зарар надорад, вале чунин фаҳмиш иштибоҳ аст. Мавҷудияти мубталоёни ин вирус, ба рушди ҳам хонавода ва ҳам ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад. Барои пешгирии он ва сироят нашудану эмин мондани хонаводаҳо лозим аст, ки корҳои фаҳмондадиҳӣ дар байни ҷавонон бештар шавад. Ҳоло дар кишвар 41 маркази пешгирӣ ва мубориза бар зидди бемории ВНМО фаъолият мекунад, ки ҳар шахс метавонад ба ин марказҳо муроҷиат намояд ва маълумоти лозимиро доир ба беморӣ ва роҳҳои ташхису табобати он дастрас кунад.

Аз моҳи феврали соли 2006 дар ҷумҳурӣ табобати ВНМО ба тариқи ройгон ба роҳ монда шудааст. Нафарони гирифтори бемории ВНМО метавонанд аз ёрии ин марказҳо бархурдор бошанд. Бо дастгирии Ҳукумати ҶТ, Вазорати тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ ва Хазинаи ҷаҳонӣ доруворҳои зиддивирусӣ ба ҷумҳурӣ ворид ва ба нафароне, ки хоҳиши табобатро доранд, ройгон тақсим мешавад. Имрӯз дар ҷумҳурӣ 2828 нафар табобати зиддивирусиро давом дода истодаанд.

Бемории ВНМО мушкили иҷтимоӣ буда, фақат дар натиҷаи ҳамкории давлат, созмонҳои байналмилалӣ, созмонҳои ғайриҳукуматӣ ва худи гирифторони ин беморӣ метавон хатари онро барои ҷомеа ва хонаводаҳо каму аз густариши он пешгирӣ кард.

**Ю.СОЛЕҲ**

**Мардуми мусалмон ҳар сол аз гӯшаю канори дунё ба Ҳиҷоз, барои зиёрати ин макони муқаддас мераванд. Пешрафти илмию техникӣ имкон додааст, ки зоирон ба осонӣ ба орзуҳои худ бирасанд. Дар чанд соли ахир мушоҳида мешавад, танҳо мушкиле, ки боқӣ мондааст, танзими дурусти маросими ҳаҷ ва мудирияти зоирон ба ҳадафи пешгирӣ аз ҳодисаҳои фоҷеаборе ба монанди воқеаи рухдода дар маросими ҳаҷи имсола дар Мино аст.**

# КАЪБА ҚАБЛ АЗ ИСЛОМ ҲАМ ИБОДАТГОҲ БУД

**БА** андешаи таърихнигорону арабшиносон, раҳбарии шаҳри Макка, нигаҳбонии хонаи Каъба ва чоҳи Замзам дар ибтидо мансуби қабилаи Ҷурҳум, сипас ба намояндагони қабилаи Хузоа ва ниҳоят дар дасти қабилаи Қурайш будааст. Дар даврони қабл аз Ислом хонадони бани Ҳошим дар миёни қабилаи Қурайш аз авлодони бонуфузу доро ва нигаҳбони Каъба буданду ва муддати тӯлонӣ адои расму оинҳои диниро таҳти назорат доштанд.

Замоне расид, бобои Паёмбар (с) Абдулмуталиб, ки аз хонадони Бани Ҳошим буд, ба ҳайси пешвои қабилаи Қурайш баргузида шуд. Ба ин далел аст, ки то ба имрӯз аҳли Макка асли баромади авлодӣ ва насаби худро аз ҳазрати Иброҳим дониста, ӯро нахустин бунёдкунандаи Каъба мешуморанд.

Дар таърих рӯйдодҳои зиёде вобаста ба ин сарзамин нақлу ривоят шудааст. Аз ҷумла гуфта мешавад, аз нубуввати Муҳаммад (с) 12 сол гузашта буд, ки пайравони Ислом дар соли 622 аз Ясриб ба тавофи Каъба омаданду дар бозгашт азм карданд, ки ӯро бо худ бубаранд.

Ва боз дар ҳамон сол буд, ки таърихи аз Макка ба Ясриб ҳиҷрат кардани ҳазрати Муҳаммад (с) ба унвони оғози солшумории мусалмонӣ пазируфта шуд. Баъдан ин шаҳр ба шарафи омадани Паёмбар номи "Мадинатуннабӣ"- ро гирифт.

Зимни иқомат дар ин шаҳр баҳсҳои диние, ки миёни уламои яҳудӣ ва Паёмбари Ислом сурат мегирифтанд, тадриҷан тундтар шуда, байнашон тарҳи ҷудоӣ меафканд. Яҳудиён бо такя ба ҳукми китоби хеш ӯро талқин мекарданд, ки чун дигар Паёмбарон, ки ҳама сӯи Байтулмуқаддас рафтаанду онҷо иқомат намудаанд, Мадинаро дар роҳи муҳоҷират миёни Макка ва Байтулмуқаддас пойгоҳи худ интихоб кунад. Аммо Паёмбари Ислом ин пешниҳоду тавсияро напазируфт. Ӯ бар асоси сураи Бақара, ки барояш нозил шуда буд, қиблаи мусалмононро аз сӯи Байтулмуқаддас боздошта, самти Каъбаро ба унвони қиблаи пайравонаш баргузид.

Идомаи таърихи аввалин муҳоҷирати Паёмбар (с) ва ҳамроҳонаш ҳам хеле ҷолиб аст.

Муҳоҷирони ҳамроҳ бо Паёмбар (с), ки тамоми сарвату дороиҳои худро дар Макка гузошта буданд, дар Мадина аз ҳисоби маводу рӯзии додаи ёрони ансори худ мезистанд. Замоне, ба қавли Табарӣ "аз ин ҳиҷрат ҳафт моҳ гузашта буд", чун мушкили зист бештар шуд, ёрони Паёмбар (с) дар андешаи он шуданд, ки ба корвонҳои тиҷоратии Макка даст ёбанд ва сарвати бохтаи хешро бигиранд. Дар ин миён аз чандин ҷанги хурду бузурге ҳам ёд мешавад, ки аввалин гурӯҳҳои мусалмонон бо рақибони оштинопазир ва сарватманди худ кардаанд.

Ҷанги Бадр, ҷанги Уҳуд ва ҷанги Хандақ, ки доир ба ҳар кадоме ривояту қиссаҳои зиёде мавҷуд аст, дар китобҳои таърих ба шеваи гуногун, аммо бо муҳтавои мушобеҳ баён шудаанд .

Дар марҳалаи ҷанги Хандақ, ки дар баҳори соли 627 иттифоқ афтодааст, хусумат миёни қабилаҳои Банӣ Қурайш, Назир, Қурайза ва Бани Ғатфон афзуда, бо дахолати ҷосусон дар миёнашон парокандагӣ роҳ ёфт. Иқтидори нерӯҳои муштараки онон коҳид. Дар натиҷа ин нерӯҳо, ки атрофи Мадинаро бо мақсади мубориза ва мағлуб кардани мусалмонон дар муҳосира доштанд, рӯ ба парешонӣ оварданд…

Дар чунин вазъият шаби 13-14-уми муҳосира тӯфони сарду сахте бархоста, хаймаҳои аҳли сипоҳи мушриконро барканд, дар байни лашкари онон изтиробу парешониро ташдид кард. Аҳли Қурайш ба раҳбарии Абӯсуфён, ки аз сарватмандтарин тоҷирони Макка буду чанд бор қофилаи ҳазор уштурӣ бо колоҳои пураргзишаш дар ҷанг бо мусалмонон шикаст хӯрда, аз даст рафта буд, дар шаби тӯфон маҳали буду боши худро ба сахтӣ тарк карданд. Ин дар ҳоле буд, ки онон ҳама чизи гарони худро боз ҳам бар ҷой гузошта буданд.

Баъди пирӯзӣ дар ҷанги Хандақ эътибори мусалмонон дар сарзамини Арабистон боло рафт. Ривоят аст, ки дар оғози соли шашуми ҳиҷрат Паёмбари Ислом ба азми ҳаҷҷи умра (хурд) 13 марти соли 628 бо корвони иборат аз як ҳазор нафар тарафдоронаш аз Мадина берун омад.

Қофилаи зоирон (бо 70 уштури қурбонӣ), ки барои ҳимояи худ танҳо шамшер доштанд, ба самти Макка ҳаракат карданд.Чун огоҳ шуданд, ки аҳли Қурайш ва Аҳбиш (дигар аз қабилаҳои мухолифон) қасам ёд кардаанд, ки онҳоро ба зиёрати Каъба роҳ надиҳанд, Паёмбари ислом дар Худайбия (9 мил дуртар аз Макка - тақрибан 14,5 километр) мустақар шуд. Дар он айём Каъба бо санги сиёҳ ва муаллақи худ ибодатгоҳи ҳамаи ақвоми араб, ба шумули бутпарастон буд.

Дар натиҷаи гуфтугӯҳои зиёде бо раҳбарони қабилаҳо ва пешвоёни шаҳр тарафҳо ба тавофуқ расиданд, ки мухолифату қатли тарафдорони якдигарро бас мекунанд. Ба равишу тарзи адои ибодати якдигар дахолат намекунанд. Ин созиш дар манбаъ ва осори таърихӣ ба номи сулҳи Худайбия зикр шудааст. Тибқи аҳдномаи тарафайн хусумати даҳсолаи миёни аҳли Макка ва пайравони Муҳаммад (с) гӯё поён ёфт. Бар асоси банде аз ин созишнома, мусалмонон ҳам аз ин пас метавонистанд ҳамасола дар мавсими ҳаҷ се рӯз дар Макка тавофи Каъба кунанд.

Паёмбари Ислом пас аз ин бо асҳоби худ ва ҳамроҳи ҳазорон афроди мусалмон ба Каъба ворид шуд. Вақте вориди Каъба шуд аввалин дастураш ин буд, ки тамоми бутҳоро баркананд ва ба замин фурӯ бирезанд, нақшҳои рӯи деворҳо ва тасвирҳоро хароб намоянд. Гуфта мешавад, Паёмбари Ислом он чӣ, ки дар муддати 20 сол мехост бо даъват анҷом диҳад, дар муддати як рӯз амалӣ гардонд ва решаи бутпарастӣ аз Хонаи Худо дар ҳузури тамоми аъён ва ашрофи Қурайш канда шуд. Созишномаи сулҳи Худайбия ҳам бо гузашти ҳамон чанд рӯз беэътибор шуд…

Пас аз зуҳури Ислом Арабистони кунунӣ ба маркази ҷаҳонии ин дин ва шаҳрҳои Маккаю Мадина, ки дар гузашта номи Ҳиҷозро доштанд, ба марказҳои асосии ин сарзамин табдил ёфтанд. Дар тӯли таърих сулолаҳои Уммавиён, Аббосиён ва туркҳои Усмонӣ пайи ҳам ба ҳайси нигаҳбонҳои ин маконҳои таърихӣ дар ин сарзамин ҳукумат доштанд.

Бо нигоҳе ба таърих метавон дарёфт, ки хонаводаи Оли Сауд ҳеҷ рабте ба ду макони муқаддаси Ислом - Макка ва Мадина надорад. Зеро подшоҳии Саудиҳо бо низоми феълии худ танҳо дар соли 1932 пас аз ҷангҳои зиёд дар нимҷазираи Арабистон таъсис шудааст. Соли 1902 Абдулазизи 22-сола аз хонаводаи қабилаи Сауд Риёзро ғасб кард ва ҳокими онро, ки аз оилаи Ал- Рашид буд, аз байн бурд.

Вай дар соли 1912 тамоми минтақаи Наҷдро тасарруф кард. Дар соли 1925 Маккаро гирифт. 10 январи соли 1926 Абдулазиз Оли Сауд подшоҳи Ҳиҷоз эълон шуд. Вақти зиёде нагузашта, Британияи Кабир (соли 1927 ) истиқлолияти подшоҳии Ҳиҷозро ба расмият шинохт.

Пас аз чанд сол Абдулазиз амалан тамоми нимҷазираи Арабистонро ғасб намуд. 23 сентябри соли 1932 Наҷд ва Ҳиҷозро дар як давлат муттаҳид карда, давлати Арабистони Саудиро ташкил дод. То он замон Макка таҳти мудирияти амирон аз хонаводаи Ҳошимиён буд. Ин хонавода ба таври мустақим ба ҳазрати Муҳаммад (с) пайвандӣ дошт. Аммо аз соли 1519 то соли 1916 Ҳиҷоз, аз вилоятҳои таърихии нимҷазираи Арабистон, ки дар имтидоди соҳилии баҳри Сурх воқеъ аст ва дар қаламрави он Макка ва Мадина ҷой гирифтаанд, ба таркиби Империяи Усмонӣ дохил буд.

Баъзе аз кишварҳои исломӣ бо таваҷҷуҳ ба ин муддаӣ ҳастанд, ки Оли Сауд, ки ҳеҷ пайвандие ба хонаводаи ҳазрати Муҳаммад надорад, ҳаққи соҳибият ба ин ду макони муқаддасро ҳам набояд дошта бошад.

Бино ба ақидаи ин муддаиён, Туркия, Урдун ва ҳатто Эрон нисбат ба саудиҳо ҳуқуқи бештари соҳибмулк будан дар зиёратгоҳҳои исломиро доранд. Дар ҳамин ҳол, баъзе аз кишварҳо пешниҳод ҳам кардаанд, ки мудирият ба Макка ва Мадина тавассути ҳамаи кишварҳои исломӣ ва дар чорчӯби Созмони ҳамкории исломӣ бояд анҷом гирад. Ба гуфтаи тарафдорони ин пешниҳод Мақоми олии чунин раҳбарӣ метавонад кумитаи махсусе иборат аз намояндагони ҳамаи кишварҳои аъзои ин созмон бошад.

Дар ин кумита бояд ҳар кадом кишвари узви Созмони ҳамкории исломӣ сарфи назар аз шумораи аҳолии худ бояд ба теъдоди баробар намоянда пешниҳод кунанд.

Аз сӯи манбаъҳои таърихӣ гузоришҳое низ мунташир шудаанд, ки ҳанӯз дар беш аз 80 соли қабл ваҳҳобиҳо бо ёрии Британия дар Арабистон ба қудрат расида ва тамоми раванди фаъолиятҳои сиёсиро ба хости худ мудирият мекунанд.

Дар ин гузоришҳо аз Лоуренс, як полковники англис ба унвони ҷосуси айёр ва коргардони ҳодисаҳо дар нимҷазираи Арабистон ёдоварӣ мешавад. Ба гуфтаи муҳаққиқони мавзӯъ, ин низомии англис, ки як марди ҳамҷинсгаро буду лақаби Лоуренси Арабро дошт, нақши коргардонии тарҳи ба дасти Оли Сауд гузаштани ин макони муқаддасро анҷом додааст.

Соҳибназарон далели чунин таваҷҷуҳи зиёди ҷосусони хориҷӣ ба фаъолияти ин макони муқаддасро фароҳам кардани имкони назорат ва даст доштан дар раванди ибодату адои воҷиботи мусалмонон ва аз ин тариқ таҳти таъсир қарор додани сиёсати давлатҳо ва ҷомеаи мусалмонон медонанд.

Дар мавриди ҷойгоҳи Макка дар Қуръон ба таъкид фармудаҳое ҳаст. Аз ҷумла дар сураи Оли Имрон омадааст "Дар онҷо оёти равшан ва мақоми Иброҳим аст. Ва ҳар кӣ бад-он дохил шавад, аз ҳар офат дар амон бошад. Барои Худо ҳаҷи он хона бар касоне воҷиб аст, ки тавоноии рафтан ба сӯи онро доранд."

Ба ин далел буда, ки ҳамасола садҳо ҳазор нафар барои адои ин амри воҷиб рӯй ба хонаи Худо меоранд. Бинобар зиёд будани теъдоди зиёраткунандагон ҳар сол ҳодисаҳое бо паёмадҳои сахт ва пурқурбонӣ ба вуқӯъ меояд. Фоҷеае, ки дар водии Мино 24 сентябри соли 2015 рух доду боиси ҳалокати қариб ҳазор нафар ва маҷруҳ гардидани садҳо нафари дигар шуд, ҳанӯз аз хотирҳо нарафтааст.

Ин ҳодиса аз бузургтарин фоҷеаҳо дар таърихи ҳаҷ дониста мешавад.

Дар он бештари ҳалокшудагон аз Эрон буданд. Ин чиз боиси ихтилофи бештари ин кишвар бо Арабистони Саудӣ шуд. Ҳар ду кишвар бе ин ҳам дар муқовиматҳои ҳарбӣ-сиёсӣ барои ояндаи Ховари Миёна муқобили якдигар қарор доранд. Мақомоти эронӣ Арабистонро муҷрии барномаҳои ғосибони ғарбӣ, ҳомии манофеи ИМА дар ҷаҳони Ислом медонанд. Онҳо пешгӯӣ мекунанд, ки дар даҳсолаҳои наздик Оли Сауд нақши раҳбарӣ дар ин сарзаминро аз даст хоҳад дод.

Айни ҳол ҷангу ноороми фақат дар кишварҳои ҳамсояи Арабистон бештар доман паҳн мекунад.

**Солеҳ ЮСУФОВ**





# НОШУНАВОЁН БАРОИ ҶОМЕА САРБОРӢ НЕСТАНД,

## *- мегӯяд коршинос Саттор Қувватов*

**Дар олам дар баробари ба дунё омадани одамони солим, инчунин маълулон-ношунавоён ва нобиноён тавлид мешаванд. Ин қисмати одамон осебпазир номида шуда, ҷомеаи башарӣ мувозибат, парасторӣ, тарбият ва бакамолрасии онҳоро баробари инсонҳои солим яке аз вазоифи аввалиндараҷа ва авлавиятдошта муайян кардааст. Ҳоло дар ҷаҳон беш аз даҳ миллион маълулон ба қайд гирифта шудаанд. Дар кишвари мо мутобиқи ахбори Иттиҳодияи миллии карҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон теъдоди танҳо ношунавоён (кару гунгҳо) ба 30 ҳазор нафар мерасад. Ифтитоҳи мактаб-интернатҳои махсус, таълими муосиру тарбияи фарогир, камсбомӯзонӣ ва ба камол расондани ин бахши аҳолии осебпазир яке аз вазифаҳои муҳими вазоратҳои тандурустӣ ва маорифу илми ҷумҳурӣ мебошад. Бахусус раванди таълим,таҳияи китоб, пазириши ин гурӯҳи одамон ба муассисаҳои таълимию макотиби олӣ ва омодасозии тарҷумонҳои махсус, вазифаҳои таъхирнопазирро дар назди мутахассисону коршиносони соҳа гузоштааст. Мо бо коршиноси варзида, тарҷумони моҳири ношунавоён ва яке аз муаллифони китоби "Имову ишора", унвонҷӯйи Донишгоҳи давлатии омӯзгории ба номи С.Айнӣ Қувватов Саттор Дилдорович дар хусуси дастовардҳои раванди таълиму тарбияи ношунавоён ва ҳамоҳангӣ бо таҷрибаи пешқадами ҷомеаи ҷаҳонӣ ва мушкилоти ҷойдоштаи ин соҳа мусоҳибае оростем, ки муҳтавои он пешкаши хонандагон мегардад.**

**- Муҳтарам Саттор Дилдорович, аз суҳбате, ки бо Шумо доштем, аён гашт, ки таваҷҷуҳи масъулин ба яке аз қишри осебпазири ҷомеа-ношунавоён то ҷойе хурсандибахш аст. Шумо ҳоло дар ҷумҳурӣ ба ҳайси коршиноси маъруф дар омодасозии маводи таълимӣ, тайёр кардани тарҷумонҳо барои ношунавоён саҳми арзанда доред. Бигӯед, ки тайи солҳои охир талошҳои мутахассисон, омӯзгорон ва онҳое, ки ба таълиму тарбияи ин қишри ҷомеа нигаронида шудааст, ба чӣ равона гардидааст?**

- Пеш аз он ки ба суоли шумо ҷавоб бидиҳам, лозим медонам, ки аз таваҷҷуҳи ҳамешагии Президенти кишвар Эмомалӣ Раҳмон ба ин қишри осебпазири ҷомеа ёдовар шавам. Ҷаноби Олӣ дар яке аз мулоқотҳояшон бо маъюбон дилсӯзона гуфта буд, ки ман шуморо дар Ватан ҳеҷ гоҳ хору зор шудан намемонам. Боиси хурсандист, ки имрӯз дар ҷумҳурӣ барои маълулон тамоми шароитҳои зарурӣ фароҳам оварда шудааст. Дар кишвари мо теъдоди ношунавоён, аз хурд то бузург, ба 30 ҳазор нафар мерасад. Аз ин теъдод 940 нафар ба таълим фаро гирифта шуда, онҳо дар се таълимгоҳи махсус- мактаб-интернатҳо, ки дутои он дар ноҳияи ба номи Рӯдакӣ ва яктои он дар ноҳияи Б.Ғафуров воқеъ аст, буду боши доимӣ доранд.Бояд хотиррасон кунам, ки дар масоили таълиму тарбия мушкилоти умда вуҷуд надорад. Ҳукумати Ҷумҳурӣ барои тарбиятгирандагон тамоми шароитҳои заруриро фароҳам овардааст. Шумо ишора кардед, ки дар ин самт чӣ дастоварде дорем. Албатта, дастовардҳо хеле зиёданд, намедонам кадоме аз онҳоро номбар кунам, зеро васоити ахбори умум дар бораи ин қишри осебпазири ҷомеа таваҷҷуҳи зиёд надошта, ҳаёту зиндагии онҳоро бояду шояд инъикос намесозанд. Агар бигӯям, ки ношунавоён ҳам ба таълими дахсола гузаштанд, шояд баъзеҳо шубҳа кунанд, ки оё дах соли таълиму тарбия барои онҳо зиёд нест?

**- Хуб, сари ҳамин масъала мехостем андешаи шуморо бештар бифаҳмем...**

- Набояд фаромӯш сохт, ки ношунавоён ҳам аз нигоҳи равонӣ, хислату хулқ аз одамони солим ҳеҷ тафовуте надоранд, танҳо Худованд ба онҳо шунавой ва забони гуфтор надодааст. Аз нигоҳи дигар, онҳо дорои истеъдоди фавқулоддаи пазириши ахбор ва дарки ҳама гуна ашёро доранд, ки баъзан инсонҳои солим аз он орӣ мебошанд. Мушкилот танҳо дар тадрис гиреҳ мехӯрад, яъне онҳо ҳамеша дар қабули ахбор ба муаллим ва тарҷумон ниёз доранд. Забони ношунавоён " Имову ишора" ном дорад. Ношунавоён ахборро тавассути лаппиши лаб ва ҳаракати даст қабул мекунанд. Хотираашон хеле қавӣ ва ахборро то дер ҳифз карда метавонанд. Бори аввал дар ҷумҳурӣ ношунавоён соҳиби васоити таълимии "Имову ишора" шуданд, ки яке аз муаллифони он банда ҳастам ва ин китоби хеле заруриро ҳамин сол нашриёти "Маориф" ба чоп расонд. То ин дам васоити таълимӣ вуҷуд дошт, аммо онҳо номукаммал ва чун дастурамал хидмат мекарданд.



**- Мегуфтед, ки миёни муассисаҳои таълимоти ҳамагонӣ ва мактабҳои махсуси ношунавоён чӣ тафовуте вуҷуд дорад?**

- Мехостам дар ин росто, аввалан аз Консепсияи таълими фарогир, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30.04. с. 2011-ум қабул шудааст ва он таълими муштараки ношунавоён (маъюбон)-ро дар макотиби ҳамагонӣ мушаххас кардааст, ёдовар шавам. Мутобиқи ҳамин Консепсия маъюбон метавонанд якҷо бо толибилмони сиҳат дониш гиранд ва илм омӯзанд. Ин ҷо танҳо як мушкилот вуҷуд дорад ва он ҳам дар норасоии тарҷумонҳои забони имову ишора. Барномаҳои таълимӣ дар макотиби ҳамагонӣ ва махсуси мо тафовути беше надорад. Ношунавоён аз фанҳои физика, химия, биология, ҷуғрофия, риёзиёт таълим мегиранд ва дониши хуб ҳам доранд.

**- Устод, агар масъала сари тарҷумон гиреҳ хӯрад, дар ягон макотиби олӣ масъалаи ифтитоҳи бахши тарҷумонҳо барои ношунавоён зарурат дорад?**

-Дар ин маврид замина вуҷуд дорад. Дар факултаи педагогикаи Донишгоҳи давлатии омӯзгорӣ гурӯҳи махсуси "сурдопедагогика" амал мекунад, ки ман ва якчанд омӯзгорони ботаҷриба ба онҳо забони имову ишораро меомӯзонем. Акнун лозим меояд, ки теъдоди шогирдон бештар гардаду баъди хатм корро дар ин самт идома бахшанд. Дар мамлакатҳои пешрафтаи дунё тарҷумонҳои забони имову ишора хеле зиёданд. Ба хусус дар макотиби олии аксар кишварҳои ҷаҳон чунин тарҷумонҳо нуфузи хеле зиёд доранд. Онҳо дар васоити ахбор, иттилоотрасонӣ заҳмат мекашанд. Онҳоро дар экранҳои телевизион дидан мумкин аст, ки ахборро тавассути лаппиши лаб ва ҳаракоти даст ба ношунавоён бозгӯ мекунанд.

**- Оё дар дунё, мисли дигар забонҳо, миёни забонҳои имову ишора тафовут ё фарқияте ба назар мерасад?**

- Саволи хеле бамаврид. Бояд бигӯям, ки имрӯз забони имову ишора дар 32 мамлакати дунё, аз ҷумла, дар Амрико, Фаронса, Ҷопон, Русия, Итолиё, Бразилияву Аргентина ва Туркия барин кишварҳои пешрафта мақоми давлатӣ дошта, ягон монеае барои рушду истифодаи он вуҷуд надорад. Забони имову ишора агар бигӯям, ки байналмилалист, хато нахоҳам кард. Ман тайи даҳ соли охир ҳамчун коршиносу мутахассиси ин забон дар аксар конфронсҳои байналмилалӣ ширкати фаъол дорам. Дар бештари онҳо маърӯза карда, аз вазъи таълиму тарбия ва ҷалби ношунавоён ба мактабҳои махсусу авлавиятдоштаи кишварамон гузориши илмӣ додам. Хушбахтона, ба наздикӣ дар Тоҷикистон як мизи муддавар бо ширкати мутахассисони коршиносони соҳа дар мавзӯи "Нақши имову ишора дар тарбияи кӯдакони ношунаво" баргузор мегардад. Дар кори он мутахассисони варзида, ба мисли А. А. Комарова (Русия), забоншинос Ҷ. Бедкок (Австрия) ва чанде дигарон, ки дар ин соҳа олимони намоён ҳастанд, ширкат хоҳанд варзид. Албатта, ин ҳамоиш хеле боаҳамият хоҳад буд, аз он ҷиҳат, ки мо дастовардҳоямонро оид ба ин соҳа, ба хусус тайи солҳои соҳибистиқлолӣ ба маърази баррасӣ ва андешаи мутахассисони хориҷӣ мегузорем.

**- Аз нигоҳи шумо, ҳамчун коршинос, дар ҷумҳурии мо, ки наздики ҳашт миллион аҳолӣ дорад, 30 ҳазор ношунаво шумораи кам аст ё зиёд? Сабаби ба дунё омадани ношунавоёнро дар чӣ мебинед?**

- Ин рақам он қадар нигаронкунанда нест ва он барои ҷомеа сарборӣ шуда наметавонад. Дар аксар мамолики ҳамҷавор теъдоди ношунавоёнашон аз мо зиёдтар асту кам не. Дунё ва одамизод ҳамин хел офарида шудааст. Ҷомеа, ки парастори маълулон бошад. Ба дунё омадани одамони маъюб сабабҳои гуногун дорад. На ҳамаи онҳо кару гунг таваллуд мешаванд,балки бемориҳо, авориҳо, ирсият ва садамаҳои маишӣ сабабгори ин ноҷуриҳо шуда метавонанд.

**- Никоҳи хешу таборӣ чӣ?**

- Ин мавзӯи доғ ва алоҳида аст. Албатта, никоҳи хешу таборӣ дар ин маврид хеле таъсиргузору нигаронкунанда аст. Дар мактаб-интернатҳои мо бачагони зиёде вомехӯранд, ки аз никоҳи хешу таборӣ ба дунё омадаанд. Масалан, дар мактаб-интернатҳои ноҳияи Рӯдакӣ 83 нафар тарбиятгирандагон аз никоҳи хешу таборӣ ба дунё омадаанд, ё ки 52 оила аз 2 то 3-той фарзандони кару гунг доранд. Илм собит сохтааст, ки баъди дусолагӣ дар бача нишонаҳои ношунавой мушаххас мегардад. Агар навзод дар ин синну сол нашунавад, вай аз забони гуфтор ҳам маҳрум аст. Волидон дар тарбияи чунин фарзандон музтар мемонанд ва маҷбур мешаванд, ки тавассути роҳхати мақомоти дахлдор онҳоро ба мактаб-интернатҳои махсуси кишвар супоранд. Маслиҳат буд, ки волидон аз никоҳи хешу таборӣ даст кашанд, то насли маълул ба дунё наояд.

**- Дар мавриди ба забони имову ишора додани мақоми давлатӣ дар Тоҷикистон оё кӯшише шудааст? Назари шумо дар ин маврид чист?**

- Шукри он, ки Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати демократӣ, соҳибистиқлол ва ягонаву дунявӣ аст ва ҷаҳониён моро бо ин сохти давлатдорӣ мешиносанд. Мутахассисони соҳа кайҳо дар ин фикранд ва бояд дар кишвари мо низ ба забони имову ишора мақоми давлатӣ дода шавад. Ба ин чӣ зарурат аст? Аввалан, дар тамоми макотиби олӣ барои ҷойгузин кардани тарҷумонҳои имову ишора мушкилот пурра бартараф мешавад. Дуввум, макотиби олӣ барои тарҷумонҳо воҳиди корӣ муҳайё месозанд. Саввум, ношунавоён бидуни ягон мушкилии сунъӣ метавонанд дар баробари ҳамсолони сиҳаташон донишҷӯи макотиби олӣ ё коллеҷу дигар муассисаҳои таълимӣ шаванд ва дигар эҳсос накунанд, ки онҳо барои ҷомеа сарборӣ ҳастанд. Ҳанӯз дар ин масир, яъне ба забони имову ишора додани мақоми давлатӣ корҳои зиёдеро бояд иҷро кард. Ин, пеш аз ҳама, зарурати ворид намудани тағйироту иловаҳо дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи ҳифзи иҷтимоии маъюбон" пеш меояд. Ба назари баъзе коршиносони ватанӣ, ки ба умқи масъала сарфаҳм намераванд ва аз он огоҳии комил надоранд, забони имову ишораро забон намешуморанд. Аммо дар сатҳи ҷаҳонӣ собит сохтаанд, ки имову ишора забони зинда буда, ҳатто хусусиёти хоси сарфу наҳвӣ дорад. Агар чунин намебуд, чи тавре ки дар боло зикр кардам, дар 32 мамлакат он мақоми давлатӣ намегирифт. Агар дар ҷумҳурӣ забони имову ишора мақоми давлатӣ медошт, мо мутобиқи қонун онҳоеро, ки имову ишораро забони "маймунҳо" меноманд ё дар ҳаҷвҳои кӯчагӣ донистаю надониста аз имову ишора сӯиистифода (таҳқир) карда, ба иззати нафси ин қишри осебпазири ҷомеа мерасанд, ба муҷозот мекашидем. Ҳаёту зиндагии инсонҳо ба пеш меравад ва мо бояд ҳамроҳ бо ҷомеаи пешрафтаи ҷаҳонӣ гом бардорем.

**Бурхон САЛМОНОВ,**
*рӯзноманигор*

**Мутаассифона имрӯзҳо бархе аз дӯконҳои фиттафурӯшии кишвар ба хотири ба даст овардани фоидаи муфт, таблиғгари фарҳанги Ғарб ва идеологияи бегонаро мемонанд.**



# Дӯконҳои фиттафурӯшӣ:
# ТАБЛИҒГАРИ АРЗИШҲОИ МИЛЛӢ Ё БЕГОНА?

Оё гумон мекунед, ки онҳо наметавонанд дар баробари таблиғи филмҳои хориҷӣ, ба хусус, филмҳои туркӣ таблиғгари филмҳои миллӣ ба монанди **"Ливои оҳангар", "Достони Рустам", "Рустам ва Сӯҳроб" "Достони Сиёвуш", "Ҳазору як шаб", "Имом Бухорӣ", "Ҳасани Аробакаш", "Сарнавишти шоир", "Дохунда", "Одам пӯсташро иваз мекунад", "Муаллим", "Зани муталлиқи ду зан"** ва дигар филмҳои миллӣ бошанд? Албатта, метавонанд! Агар хоҳанд.

Тасаввур кунед, ки вақте ҷавонону наврасон ва ҳатто кӯдакони мо аз тамошои филмҳои тоҷикӣ дида бештар ба тамошои филмҳои хориҷӣ таваҷҷуҳ доранд ва аз шунидани сурудҳои сарояндагони маҳбуби тоҷик дида бештар ба шунидани сурудҳои хориҷӣ майл мекунанд, пас чи гуна мо аз онҳо талаб мекунем, ки ҳисси милливу эҳсоси ватандӯстӣ дошта бошанд?

Албатта, мо ҷонибдори он нестем, ки насли наврас филмҳои хориҷӣ тамошо ва сурудҳои сарояндаҳои хориҷиро гӯш накунанд, зеро мо дар ҷомеаи озоду демократӣ умр ба сар мебарем. Аммо дар баробари дидани филмҳо ва шунидани сурудҳои хориҷӣ, ки аслан муҳтавои тарбиявӣ надоранд, фарҳанги асили хешро набояд фаромӯш кард.

Шояд дар зеҳнатон суоле пайдо шавад, ки фиттаҳои филмҳои миллиро аз куҷо бояд дастрас намуд? Албатта, аз нуқтаҳои фиттафурӯшӣ. Агар ба шарте, ки дар он дӯконҳо гӯшаи махсуси филмҳои миллӣ ташкил шуда бошад...

**Сиёвуш Абдуллоев, муовини директори Корхонаи воҳиди давлатии кино ва видеои "Тоҷиккино"** мегӯяд, ки таърихи кинои тоҷик қисми ҷудонашавандаи таркибии таърихи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ба ин хотир директори муассисаи мазкур дар яке аз маҷлисҳои дохилӣ ба тамоми директорону роҳбарони вилоятии "Тоҷиккино" дастур дода буд, ки дар ҳар як нуқтаи фиттафурӯшии зертобеашон як гӯшаи махсуси филмҳои миллиро таъсис диҳанд. Ин дастур ба он хотири дода шудааст, ки мардуми кишвар бо фиттаҳои дарбаргирандаи филмҳои миллӣ таъмин карда шаванд.

Вай инчунин дар идомаи суханаш илова намуд, ки барои санҷиши натиҷаи дастури роҳбарияти "Тоҷиккино" чанд моҳ қабл ба вилояти Суғд сафар намуда, дар бархе аз нуқтаҳои фиттафурӯшии шаҳру навоҳии вилоят, гӯшаи филмҳои миллиро бо чашми худ дидааст. "Албатта, мо наметавонем ҳамаи дӯконҳои фиттафурӯширо назорат кунем, лекин ахиран зимни як сафари корӣ ба вилояти Суғд, ба ҳар дӯкони фиттафурӯшие, ки даромадам дар як гӯшае фиттаҳои филмҳои миллӣ ба фурӯш гузошта шуда буд,"- мегӯяд С. Абдуллоев. Вале ӯ танҳо санҷиши нуқтаҳои фиттафурӯшии вилояти Суғдро мисол оварда, дар бораи санҷишӣ дӯконҳои фиттафурӯшии пойтахт чизе нагуфт.

Аммо он чи ки мо дар бархе аз марказҳои фиттафурӯшии пойтахт мушоҳида кардем, баръакси гуфтаҳои муовини директори Корхонаи воҳиди давлатии кино ва видеои "Тоҷиккино" аст.

Масъулини "Тоҷиккино" иддао карданд, ки ташкили гӯшаи махсуси филмҳои миллӣ дар ҳар як дӯкони фиттафурӯшии кишвар ҳатмист. Банда низ ба ин хотир аз чанд нуқтаи фиттафурӯшии пойтахт дидан намудам ва на дар ҳамаи дӯконҳо, гӯшаи филмҳои миллиро дарёфтам. Дар баъзе дӯконҳои фиттафурӯшӣ гӯшаи филмҳои миллӣ як тараф истад, ҳатто як фиттаи филми миллиро ҳам пайдо карда натавонистам. Суроғаи аниқи ин дӯконҳоро ба самъи масъулини "Тоҷиккино" расонидам, ки метавонанд онҳоро низ бемалол аз "элак" гузаронанд.

> *Дар яке аз дӯконҳои фиттафурӯшӣ аз фурӯшанда пурсидам, ки филми "Ливои оҳангар"-ро доред? Ба гумонам фурӯшанда ба саволи ман шубҳа кард ва гуфт: "Не, надорему ҳамитари филм ҳам ҳаст?".*

Дар яке аз дӯконҳои фиттафурӯшӣ аз фурӯшанда пурсидам, ки филми "Ливои оҳангар"-ро доред? Ба гумонам фурӯшанда ба саволи ман шубҳа кард ва гуфт: "Не, надорему ҳамитари филм ҳам ҳаст?". Ҳатто як фурӯшандаи дигар гумон кардааст, ки гӯиё ман ӯро масхара мекарда бошам. Ман аз он фурӯшанда, ки як ҷавони тахминан 20-22 сола буд, пурсидам, ки ягон фиттаи филмҳои миллиро доред? Ӯ бо як табъи хира ба ман нигариста, ба тарафи дигар рӯй тофта гуфт: "Не, да иҷа утари диск нестай".

Дар бораи мушоҳидаҳоям ба масъулини "Тоҷиккино" қисса кардам, онҳо мегӯянд, ки мутаассифона аксарияти соҳибони нуқтаҳои фиттафурӯшии кишвар танҳо фикри даромади худро мекунанд. Паҳлуи дигари масъала ин аст, ки теъдоди нуқтаҳои фиттафурӯшӣ дар пойтахти кишвар хеле зиёд аст, ки шуъбаи назорати КВДКВ "Тоҷиккино" наметавонад, ки ҳар сари вақт онҳоро назорат кунад,-мегӯянд масъулини "Тоҷиккино".

Ба ғайр аз филмҳои миллӣ дар нуқтаҳои фиттафурӯшӣ фиттаҳои сарояндаҳои саршиноси тоҷик ба монанди Шоиста Муллоҷонова, Ҳанифа Мавлонова, Қумрӣ Қодирова, Аҳмад Бобоқулов, Акашариф Ҷӯраев, Мастона Эргашова ва дигарон ангуштшумор ба назар мерасад, ки дар қиёс ба фиттаҳои сарояндаҳои хориҷӣ як фоизи хеле камро ташкил медиҳанд. Аммо бархе аз фиттафурӯшҳо сабаби ангуштшумор будани фиттаҳои сарояндаҳои маҳбуби кишварро дар кам будани талабот ба онҳо маънидод карданд.

Ин ҳам дар ҳолест, ки масъулини КВДКВ "Тоҷиккино" мегӯянд, барои гиромидошт ва пос доштани истеъдоди ҳунармандони асили санъати тоҷик ва муроҷиату дархости ҳаводорони сершумори ситораҳои санъати тоҷик, давоми соли равон сурудҳои сарояндагони маҳбуби тоҷик, аз ҷумла, **Шоиста Муллоҷонова, Ҳанифа Мавлонова, Қумрӣ Қодирова, Аҳмад Бобоқулов, Акашариф Ҷӯраев** ва дигаронро дар фиттаҳои намуди CD ва сурудҳои санъаткорони машҳури тоҷик, ба мисли **Одина Ҳошимов, Зафар Нозимов, Нигина Раупова, Дӯстмурод Алиев, Ҷӯрабек Муродов, Афзалшо Шодиев, Қобилҷон Зарифов, Саидқул Билолов, Саидалӣ Раҳмон, Ҳабибулло Беков** ва дигаронро дар фиттаҳои намуди DVD бо сифати баланд нусхабардорӣ намуда, пешкаши ҳаводорони санъати тоҷик гардонидаанд. Масъулини "Тоҷиккино" мегӯянд, тасмим гирифтаанд, ки дар баробари ташкил ва ба фурӯш гузоштани фиттаҳои филмҳои миллӣ, дар дӯконҳои фиттафурӯшӣ гӯшаи махсуси фиттаҳои сарояндаҳои маҳбуби тоҷикро низ ташкил хоҳанд кард.

Тавре С. Абдуллоев мегӯяд, роҳбарияти "Тоҷиккино" қаблан танҳо дар бораи таъсис додани гӯшаи махсуси филмҳои миллӣ дастур дода буд. Акнун мо ба хулосае омадем, ки дар баробари филмҳои миллӣ гӯшаи фиттаҳои сарояндаҳои маҳбуби кишварро низ ташкил кардан лозим аст. Ба ин хотир мо боз як зумра фиттаҳои сурудҳои сарояндаҳои маҳбуби тоҷикро дар намуди DVD ва CD омода намудаем, ки рӯзҳои наздик пешкаши ҳаводорони санъати асили тоҷик гардонида мешавад.

**Тоҷиддин Ғаниев, ҳуқуқшиноси муассисаи мазкур** бар он назар аст, ки барои таъмини аҳолии кишвар бо фиттаҳои филмҳои миллӣ ва фиттаҳои сарояндаҳои маҳбуби тоҷик, бояд КВДКВ "Тоҷиккино" аз ҷониби соҳторҳои дахлдори кишвар дастгирӣ ёбад, то ҳадди ақал дар марказҳои вилоятҳо ва ба хусус дар шаҳри Душанбе нуқтаи махсуси фиттафурӯшӣ ташкил карда шавад.

Имрӯз қариб дар ҳамаи маркази шаҳру вилоятҳо дӯконҳои махсуси китобу рӯзномафурӯшӣ ташкил карда шудааст. Фитта ҳам асари аудиовизуалӣ аст. Махсусан кино муҳимтарин воситаи таблиғгари идеология ва сиёсати давлат ба ҳисоб меравад. Аз ин рӯ хеле хуб мешавад, ки дар маркази вилоятҳо ва дар шаҳри Душанбе як маркази махсуси фиттафурӯшӣ ҳам ташкил карда шавад, ки онро танҳо "Тоҷиккино" бо фиттаҳои баландсифати филмҳои милливу сарояндаҳои маҳбуби тоҷик таъмин намояд. "Тоҷиккино", ки як ташкилоти худмаблағгузор аст, дар алоҳидагӣ аз уҳдаи ин кор баромада наметавонад. Вале бо мусоидати ниҳодҳои дахлор ташкили чунин марказҳо имконпазир аст. Ман гумон мекунам ба ҳамин тариқ дастрас намудани фиттаҳои филмҳои миллӣ, сарояндаҳои маҳбуби тоҷик ва дигар фиттаҳои таҳиянамудаи "Тоҷиккино", ки дар бораи таърихи тамаддуни миллати куҳанбунёди тоҷик қисса мекунанд, осон мегардад. Аз сӯи дигар гирифтани пеши роҳи паҳншавии ҳар гуна фиттаҳое, ки дорои характери террористӣ-экстремистӣ ва таблиғгари идеологияи бегона ҳастанд, осон хоҳад шуд",- мегӯяд Т. Ғаниев.

Пас аз таҳлилу баррасии ин мавзуъ ва суҳбат бо муттахассисони соҳа ба хулосае омадам, ки воқеан ҳам нуқтаҳои фиттафурӯшӣ низ таблиғгари фарҳанг ва паҳнкунандаи ҳар гуна идеология буда метавонанд. Пас ниҳодҳои дахлдорро зарур аст, ки низоми назорат аз болои нуқтаҳои фиттафурӯширо пурзӯр намоянд. Фаъолияти нуқтаҳои фурӯши аудиовизуалӣ бояд ба тарбияи насли ҷавон равона карда шавад, на бо мақсади ҳадафмандона паст намудани завқу фосидшавии ахлоқи онҳо мусоидат кунад.

**Ибодуллоҳи ТОҲИР**

Минбари халқ
9 декабри соли 2015,
№50 (1029)



# Гурминҷ Завқибек ва санъати тоҷик

**Имрӯзҳо дар дунё бархурди фарҳангҳо яке аз мушкилиҳое аст, ки ба давлатҳои хурд зудтар ва бештар таъсир мегузорад. Ва давлатҳое, ки бузургтар ҳастанд, қудрати аз байн бурдани фарҳанг ва мероси халқҳои кишварҳои хурдро доранд. Агар давлатҳои хурд фарҳанги худро мустаҳкам нигоҳ дошта натавонанд, ин ҳолат хоҳ-нохоҳ ба вуқуъ мепайвандад.**

**ВУҶУДИ** як давлат низ худ як намуди фарҳанг аст ва бидуни фарҳанг онро тасаввур кардан ғайримкон аст. Дар Таҷикистон низ масъалаи бархурди фарҳангу тамаддунҳо дар паҳлуҳои гуногуни ҳаёти халқ зиёд ба назар мерасад. Яъне мардуми мо низ баъзе ҷиҳатҳои фарҳанги хешро фаромӯш карда, пайрав ба дигар форҳангҳо шудаанд. Масалан, дар пӯшидани либос ба фарҳанги араб ва баъзеашон ба фарҳанги Аврупо тақлид мекунанд. Хуллас, дар фарҳанги мардуми мо омехтагиҳои зиёде дохил шуда истодааст. Мақсад аз овардани ин сатрҳо ин ёдоварӣ аз онҳоест, ки ҳанӯз аз солҳои пеш барои мустаҳкам нигоҳ доштани фарҳанг кӯшиши зиёдеро ба харҷ додаанд.

Шеъру суруд, кинову театр ва умуман дунёи саҳна низ яке аз бахшҳои муҳими фарҳанги миллӣ ба шумор меравад. Яке аз шахсоне, ки дар саҳнаи тоҷик ва умуман дар муаррифӣ кардани фарҳанги мардуми мо саҳми арзанда дорад, устоди зиндаёд Гурминҷ Завқибеков мебошанд. Устод Гурминҷ 1-уми майи соли 1929 дар деҳаи Шуҷанди ВМКБ таваллуд шудааст. Ӯ Институти давлатии театрию рассомии ба номи Островскии шаҳри Тошкандро соли 1954 хатм кардааст. Аз соли 1954 актёри театри давлатии академӣ-драмавии бо номи А.Лоҳутӣ буд. Маҳорати актёрии Гурминҷ Зақибеков асосан бо таҷассуми образҳои қаҳрамонҳои мусбат, характерҳои ибратбахш, симои одамони матину қавиирода, далеру покдил, содиқу хирадманд равона карда шуда буд. Ӯ ҳамчун ҳунарманд нақшҳои Кети ( "Шоҳ Лир"- и Шекспир ), Фрунзе ( " Ҳуррият"-и Ғ. Абдулло) Рустам ("Рустаму Сӯҳроб"-и Ғ. Абдулло)-ро офаридааст. Гурминҷ Завқибеков Лауреати мукофоти давлатии РСС Тоҷикистон бо номи Рӯдакӣ буд.

### ХОНА-МУЗЕЙИ ГУРМИНҶ КОНИ АСБОБҲОИ МИЛЛИСТ

Ҳангоме, ки вориди хона-музейи Гурминҷ Завқибеков гардидам, хонае буд хоксорона, вале ганҷе буд дар он ҷо нуҳуфта. Асбобҳои мусиқӣ, ки аз таърихи як миллату давлат садо медоданд, дар он ҷо овезон буданд. Дар як гӯшаи ин музей чашмам ба рубобе афтод, ки хеле кӯҳна менамуд. Ба худ гуфтам, ҳатман аз дили таърих ҳарф мезанад. Бе ихтиёр ёди манзумаи "Рубобнома" афтодам, ки бо чунин мисраъ шурӯ мешуд: " Ҳеҷ медонӣ чӣ мегӯяд рубоб?" ва Мавлоно дар муқаддимаи он тасреҳ кардааст: " Най ҷиҳати он менолад, ки аз наистону ёрони худ ҷудо шудааст ва дур мондааст. Дар ғурбат аз фирқат нолон аст ва дар най як нола беш нест, аммо дар рубоб нолаҳою фироқҳо, зери маҷмӯи он ғарибонанд, ки ҳар як аз ватану ҷинси худ ҷудо гаштаанд, мисли пӯсту мӯй, оҳану чӯб ва ин ҷумла аз фирқати ҷинси худ дар нолаю афғонанд. Пас нолаю зори рубоб бештар бошад". Вале мутаассифона дар он ҷо баръакс буд, рубоб зоҳиран дар он ҷо вуҷуд дошт, вале ботинан аз ин макон ҷудо буд. Ӯ касе надошт, ки ба садояш гӯш диҳад ва бифаҳмад, ки рубоб аз кадом фарҳанг қисса мекунад. Бо мутассадиёни он ҷо суҳбат кардем ва пурсидем, ки чаро чунин фарҳанги ғаниро баҳри мардум пешкаш намекунанд ва нишон намедиҳанд? Ин қадар асбобҳое, ки ҳар якашон аз фарҳанги мусиқии миллати мо дарак медиҳанд дар гӯшаи фаромӯшӣ мондааст. Ҳамсуҳбати мо иброз дошт, ки садои ин асбобҳо дар Тоҷикистон шунавандаи худро надоранд. Ҳар боре, ки хориҷиён ба ин хона-музей ташриф меоранду аз мо илтимоси гирифтани яке аз онҳоро мекунанд, қалби мо пур аз хун мешавад ва афсӯс мехӯрем, ки чаро хориҷиён дар ҳавои асбобҳои миллии мо ҳастанду ҳамватанони худамон онҳоро фаромӯш сохтаанд. Ҳамсуҳбати мо инчунин иброз дошт, ки боре бо сабаби намоиши мардумӣ ба Амрико сафар кардем ва чанд то аз ин асбобҳоро ҳамроҳи худамон бурдем. Дар он ҷо болои як асбоби мусиқии бо номи "уд" баҳс шуд. Туркҳо мегуфтанд, ки ин асбоб аз онҳост, афғонҳо мегуфтанд "аз мост", эрониҳо низ онро аз худ карданӣ мешуданд ва озарбойҷониҳо "моли мо" мегуфтанд. Ва мо тоҷикҳо гуфтем, ки Рӯдакӣ аз куҷо буд ин асбоб низ аз ҳамон ҷост. Зеро ба ҳамагон маълум аст, ки Рӯдакӣ дар баробари он, ки шоири шинохта буд мусиқидон ва ҳофизи барҷаста низ буд. Ин асбоб низ аз номи ӯ гирифта шудааст яъне "уд" аз Рӯдакист. Пас моли тоҷикон аст. Вале бо он, ки хонамузей махзани оҳангу садои миллату фарҳанги мост, аммо то ҳол аз " фарҳангиён" ягон кас ба он ҷо қадам ранҷа нафармудааст, чӣ расад ба оне, ки маблағе барои нигоҳдоштани ин асбобҳое, ки бо чӣ қадар азобу машаққат ҷамъоварӣ шудаанд, ҷудо намоянд. Ин асбобҳо хеле нодир ва камёфт буда, зиёда аз 130 асбоби ватанӣ дар он ҷо мавҷуд ҳастанд, ки устод Гурминҷ Завқибеков бо завқи волои мусиқишиносии худ онҳоро аз тамоми манотиқи Тоҷикистон ҷамъоварӣ кардааст.

Гуфтаҳо дар мавриди устод Гурминҷ зиёд ҳастанд вале ба қавли Мавлоно, "Беҳтар он бошад, ки сирри дилбарон, Гуфта ояд дар ҳадиси дигарон" такя карда хостем андешаи чанде аз ситораҳои дунёи ҳунарро дар мавриди ин марди посдори фарҳанг дар зайл биёварем.

## ҲУНАРМАНДОНИ ШИНОХТА ЧӢ МЕГӮЯНД?

*Убайдулло РАҶАБОВ,*
*Ҳунарпешаи шинохтаи Тоҷикистон:*



**- Гурминҷ устоди нотакрор аст. Ман ба ӯ эҳтироми бисёр дорам. Мо ҳунармандони ҷавон ӯро " тағо" мегуфтем. Тағо ба ҷои ҳафт падар аст ва мо ин истилоҳро нисбат ба устод Гурминҷ раво дидем. Вақте ки ман ба театр омадам хеле ҷавон будам ва устод Гурминҷ маро ҳамеша дастгирӣ мекард ва ҳатто дар ҳамон вақт тавонист аз ҳукумати шаҳр барои ман хона дархост кунад. Ва ман бо дастгирии устод соҳиби хона низ шудам. Гарчанде ки хеле ҷавон будам, аммо устод Гурминҷ истеъдоди маро барвақт дарк карда буд ва ҳамеша маро насиҳат мекард, ки ҳар чӣ бештар болои худ кор кунам, чун истеъдоди баланди ҳунарнамоиро дорам. Дар давраи устод репертуар ғаннӣ шуд. Ӯ ҳама вақт кӯшиш мекард, ки ҷавононро дастгирӣ карда, ба саҳна барорад. Дар зери дасти ӯ ҳунармандони машҳури тоҷик чун Асалбек Назриев, Шералӣ Абдулқайс ва дигарон ба воя расидаанд. Ба ростӣ эҳсос мекунам, ки ҷойи устод дар санъати тоҷик холӣ аст.**

*Давлатманд ХОЛОВ,*
*Хунарманди халқии Тоҷикистон:*



**- Солҳои 1995, ҳангоме, ки мардум дар таҳлукаи зиндагӣ буд ва зиндагӣ маҷрои худро ҳанӯз наёфта буд, мо ба шаҳр омадем ба хотири ҷашни 100-солагии ҳунарманди шоистаи тоҷик Акашариф Ҷӯраев. Дар он рӯзҳо на театрҳо кор мекарданду на филармонияву на дигар коххову хонаҳои маданият. Даргоҳҳои ҳунариро мардум бо оби дида мешуст. Дар ҳамон шабу рӯз ба ман чанд асбоби мусиқӣ лозим буд. Ба хотири дарёфти асбобҳо дар ҳамон рӯзгори ошуфта ба назди устод Гурминҷ раҳсипор шудам. Ба хона-музейаш наздик мешудам, ки паст-паст садои мусиқӣ шунида мешуд. Даромадам, ки устод бо шогирдонаш тамрин доштанд. То расидан ба он ҷо фикр мекардам, ки мусиқӣ мурдааст ва бо шунидани ин оҳангҳо оҳанги ноумедӣ аз қалбам дур шуду эҳсоси хушҳолӣ кардам. Ман мақсадамро ба устод Гурминҷ гуфтам, он кас низ хеле хурсанд шуданд ва мо бо дастгирии ҳамдигар тавонистем, ки ин ҷашнро ба хубӣ гузаронем. Баъдан боз 27- уми феврали соли 1997 ба консерти аввалин бахшида ба Ваҳдати миллӣ, ки дар кохии Борбад бояд баргузор мешуд, даъват шудем ва он бар дӯши ман, Лоиқ Шералӣ ва устод Гурминҷ вогузошта шуд. Албатта, ин кори хайр буд, вақте ки мо тавонистем мардумро ҷамъ оварем ва аз ваҳдату ҳамдилӣ шеъру суруд хонем. Мо сиёсати давлатро дар ҳамон замон дастгирӣ мекардем ва қавл додем, ки мардумро сарҷамъ месозем, то онҳо боварӣ ҳосил кунанд, ки ваҳдати миллӣ пойдор хоҳад шуд ва оҳанги шодӣ наздик аст. Худоро шукр, ки чунин ҳам шуд.**

*Шӯҳрат САЙНАКОВ,*
*сароянда:*



**- Ман ҳеҷ гоҳ боварӣ надоштам, ки рӯзе бо устод Гурминҷ рӯ ба рӯ хоҳам шуд. Вале хушбахтона ин орзуям иттифоқ афтод. Ҳунари мусиқи устод хеле баланд буд. Устод инчунин рақси мардонаро хеле хуб анҷом медод. Мутаассифона имрӯзҳо рақси мардона дар байни мардум кам дида мешавад ва он ҳаракатҳое, ки аз тарафи устод ба ҷо оварда мешуданд, қариб дида намешаванд. Устод ҳамеша насиҳат мекарданд, ки бештар ба санъати миллӣ таваҷҷуҳ зоҳир кунем, то ин санъат поймол нагардад. Ҳар як асбобе, ки дар хона-музейи устод Гурминҷ мавҷуданд, таърихи хеле қадим доранд ва бо дасти худи ӯ ҷамъоварӣ карда шудаанд. Устод Гурминҷ дар пойдор сохтани мусиқии миллии мо саҳми арзандае дорад.**

**Ҳамин тавр бояд гуфт, ки устод Гурминҷ марди хирад буд. Ӯ ҳамеша кӯшиш кардааст, то фарҳанги халқи хешро ҳимоят кунад. Махсусан, фарҳанги мусиқиро. Асбобҳое, ки устод дар сафарҳои ҳунарияш аз ҳар куҷо ҷамъоварӣ намудааст шаҳодати онанд, ки ӯ нисбат ба мусиқии миллии мо бетавофут набудааст.**

**Гулҳаё МАДИМАРОВА**

Ин аҷиб аст

# МИЛЛИОН ДОЛЛАР = 1 ТОННА

u Тимсоҳи бузургтарини нилӣ дар Танзания соли 1905 кушта шуд. Дарозии он 6,45 метр ва вазнаш 1090 килограммро ташкил медод.

u Саги калонтарини ҷаҳон саги навъи мастифи англисӣ бо лақаби Зорба буд, ки вазнаш 156 килограмм ва дарозиаш аз бинӣ то думаш 251 сантиметрро ташил медод. Ин ҳаҷми гӯсолаи фарбеҳи 6-моҳа мебошад.

u Швейтсариҳои оромтабиат қонунпараст ягона аз милати аврупоӣ ҳастанд, ки гӯшти сагро боҳаловат истеъмол мекунанд.

u Варзишгоҳи аз ҳама бузургтарини олам-варзишгоҳи 1 Май дар пойтахти Кореяи Шимолӣ аст, ки ғунҷоишаш 150 ҳазор тамошобин аст.Қаблан варзишгоҳи бузургтарини олам "Маракана"-и Рио-де-Жанейрои Бразилия бо ғунҷоиши 200 ҳазор тамошобин буд, аммо баъдан бо талаби ФИФА (Федератсияи байналмилалии футбол) он то 87 ҳазор кам карда шуд.

u Тариф-ин номи ҷазиреаст дар бахри Миёназамин, ки замони ҳукмронии арабҳо дар қарни 8 аввалин маротиба барои истгоҳ дар бандар маблағ ситонида шуд. Фаҳмидед, ки акнун маънои тариф ё ба истилоҳи ҳозираи тоҷикӣ "таррофа" аз куҷо пайдо шудааст?

u Тамоми осиёбҳои шамолӣ дар ҷаҳон баръакси ақрабаки соат давр мезананд, бидуни осиёбҳои Ирландия. Сабаб? Маълум нест.

u Ҳангоми басаҳнагирии филми машҳури "Рокки 4" Силвестр Сталлоне аз Долф Лундгрен талаб намуд, ки саҳнаи муҳорибаро ҷиддӣ бозӣ кунад. Лундгрен розӣ шуд ва дарҳол 3 қабурғаи Сталлонеро шикаст.

u Чормағзи "арахис" дар истеҳсоли маводи таркандаи динамит истифода мешавад. Равғани арахис барои маводи кимиёвии глитсерин ҳамчун ашёи хом истифода шуда, аз глитсерин динамит тайёр карда мешавад.

u Вазни миллион доллар бо коғазҳои 1 долларӣ 1 тоннаро ташкил медиҳад.

u Маънои калимаи "камикадзе" на "худкуш", балки "шамоли худовандӣ" аст.

u Дар парчами кишвари Мозамбик расми автомати Калашников нигошта шудааст. Ин ягона парчами дунёст, ки сурати силоҳи муосирро дорад.

u Исми қаҳрамони машҳури филми тасвирӣ -Шрек бо забони идиш (забони яҳудиёни Авру-по) маънои "тарс"-ро дорад.

u Ҳангоми сардии зимистон то 50 калламуш сахт бо думҳои хеш давра мешаванд, то ин ки "лонаи зинда" шаванд ва фарзандони худро аз хунукӣ ҳифз намоянд. Чунин лона "шоҳи калламушҳо" ном дошта аз ҷониби дигар калламушҳо таъмин карда мешаванд.

u Агар мӯрчаҳои навъи Temnothorax бемор шаванд, онҳо лонаро тарк намуда, дар танҳоӣ мемиранд, то ин ки ба дигар мӯрчаҳо осебе нарасад.

u Роберто Беллармино-кардинал ва Инквизитори Бузурги Калисои Католикӣ, ҳамоне, ки дар мурофиаи Галилео Галилей соли 1613 айбдоркунандаи асосӣ буд, соли 1930 "муқаддас" донистa шуда, дар оини католикӣ "Омӯзгори калисо" номида шуд.

u Авокадо аз ҳама меваи ғизоноки ҷаҳон аст - дар 100 грамми он 163 килокалория маҷуд аст. 100 грамми себ на беш аз 50 килокалория дошта, дар 100 грамми банан тақрибан 90 килокалория ҳаст.

u Дар парчами Мозамбик (давлат дар Африқо) автомати Калашников кашида шудааст. Ин ягона парчами дунёст, ки сурати силоҳи ҳозиразамонро дорад.

u Аҳолии Ёқутистон аз аҳолии Ҳиндустон 1200 маротиба кам аст, ҳарчанд, ки аз рӯи масоҳат онҳо қариб баробар ҳастанд.

u Аввалин маротиба номи Киев ба таври хаттӣ дар "номаи Киевӣ" зикр шудааст. Ин санади муаррифиест, ки ба Яков Бен Ханукка аз ҷониби ҷамъияти яҳудиёни Киев дода шудааст. Нома қарни 10 бо забони иврит (яҳудӣ) навишта шудааст.

u Пойтахти Словакия-Братислава ягона пойтахти ҷаҳон аст, ки бевосита бо дигар давлатҳо-Австрия ва Маҷористон (Венгрия) ҳамсарҳад аст. Аз соли 1536 то 1784 Братислава пойтахти Маҷористон буд.

*Таҳияи*
**Азамат ДӮСТОВ**



Тӯтӣ, мусича ё майна
Қаҳрамони латифаҳо Хоҷа ... Афандӣ
Дарё дар Хуҷанд
Барои газета менависанд
... Гуртская, сарояндаи нобино аз Русия
Дарёи дарозтарини Африқо
Дониш, маърифат
Китоби Зардушт
«Кобанда ... аст» (масал)
Пойафзоли соқдор
Адиби насрнавис
Маълумоте, ки донишгоҳ медиҳад
Духтари калонӣ барои хурдиҳо
Иттиҳоди ҳарбии Атлантикаи Шимолӣ
Пойтахти Бошқирдистон
Ҷаноби ҷопонӣ
Хуб
... Азизов, сароянда
Аз сидқи дил
«Дэу»-и хурдакак
Асбоби дандонадор барои мӯй
Тамғаи автомашинаи немисӣ
Хушҳол
Оҳар (рус.), дар картошка бисёр
«Танцор ...» - филми машҳур бо Ҷими
«Доброе утро» - «... ба хайр»
Банда, каниз
Ҳарфи «ҷ»-и арабӣ
Хархаша, ҷанг
Фаҳмидан - ... кардан
Суруд (лаҳҷ.)
Ҳозир, дар айни ҳол
Сабзавоте, ки мегирёнад
Кӯмак
Паёмбари масеҳиён
Кори хатти аз фанни адабиёт
Бемории беҳаракатӣ
Гиёҳ барои абрӯ
Забони давлатии Озарбойҷон
Зани ака
Шӯҳратманд
... у насаб
Падар, модар ва фарзандон
Моҳи тобистона
Мошини рамзаш чор ҳалқа
Қаҳрамони латифаҳои тоҷикӣ
Картошкабирёни ғарбӣ
... Толстой, адиби рус
Дар он хун ҷорӣ аст
Бозӣ бо тӯб ва тӯр

ҶАВОБИ СКАНВОРДИ ШУМОРАИ ГУЗАШТА

| | | | | | | | | | | | | | | | | | | | |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| ■ | Т | А | Н | Ҳ | О | ■ | Я | М | А | Х | А | ■ | Д | У | Ш | М | А | Н | И |
| Н | ■ | С | ■ | А | ■ | ■ | Р | ■ | ■ | И | ■ | ■ | ■ | С | ■ | У | ■ | ■ | Р |
| А | ■ | И | ■ | К | У | Р | А | Ш | ■ | Т | Е | П | П | А | ■ | А | Н | Д | И |
| С | А | Р | Д | И | ■ | ■ | ■ | Р | ■ | О | ■ | Е | ■ | М | О | Л | ■ | ■ | Н |
| И | ■ | ■ | ■ | М | У | Ш | Ф | И | Қ | И | ■ | Ж | ■ | А | ■ | Л | А | М | А |
| Я | Г | А | ■ | О | ■ | ■ | О | ■ | А | ■ | Ш | О | М | ■ | ■ | И | ■ | А | ■ |
| ■ | ■ | Г | А | В | А | З | Н | ■ | Ф | ■ | У | ■ | О | ■ | А | М | И | Н | А |
| Г | И | Р | ■ | ■ | К | ■ | ■ | Д | О | Р | У | ■ | С | О | Ф | ■ | ■ | Т | ■ |
| У | ■ | О | ■ | ■ | С | А | Н | А | ■ | ■ | Р | О | К | ■ | Ю | Л | Д | У | З |
| Р | ■ | Н | О | В | А | ■ | ■ | М | А | Н | ■ | ■ | В | ■ | Н | ■ | У | ■ | И |
| У | ■ | О | ■ | ■ | Р | О | Я | Л | ■ | И | Т | О | А | Т | ■ | А | Д | И | Р |
| С | О | М | О | Н | И | ■ | ■ | А | Й | Ш | ■ | Ш | ■ | А | ■ | Г | ■ | ■ | О |
| Н | ■ | ■ | И | ■ | Я | К | У | М | ■ | О | Б | И | ■ | О | ■ | А | Л | М | А |
| А | М | О | Н | ■ | Т | ■ | ■ | А | Ё | Н | ■ | Қ | А | М | А | Р | ■ | ■ | Т |



**Сабр яке аз сифатҳои бағоят хуб буда, аз бузургии фазли он инсон метавонад ба мартабаҳои баланд расад. Аз ин рӯ, ҳакимони пешин ҳамеша панд медоданд, ки ҳар касе агар дар тирборони ҳодисаҳои зиндагӣ сипари сабрро бар сари хеш кашад, ҳатман ҳаданги умедаш ба ҳадафи мурод хоҳад расид:**

# САБР



*Сабр беҳтар мардро*
*аз ҳарчи ҳаст,*
*То биёбад бар муроди*
*хеш даст.*

Воқеан сабр думболаи музди бениҳояту беҳисоб буда, хоссаи инсон аст ва ҳайвон аз ин неъмати бебаҳо баҳраманд нест, зеро ҳайвон дар низоми офариниш нисбат ба инсон ноқис мебошад. Дар робита ба ин, сабр кушоиши кор буда, дари хонаи роҳаш ба ҷуз аз ин калид бо дигар калиде кушода нахоҳад шуд.

Сарфи назар аз бузургии худ нисбат ба ҳайвон одамоне ҳастанд, ки сархушӣ ва роҳату лаззати шавҳатҳоро пешаи худ қарор додаанд, ки инҳо падидаҳои лаҳзавӣ ва худгузар мебошанд. Шаҳватпарастӣ ҳамчун разилати нафси инсонӣ одамонро ба хориву пастӣ ва нобудӣ расонида, рӯҳи ӯро хароб ва танашро ранҷур месозад. Оила ва зану фарзандонро ба зулму ҷавр кашида, боиси табоҳ гаштани онҳо ва ҳақиру беобрӯ шудани шахс мешавад.

Даст кашидан аз ҳавову ҳавасҳо, танҳо тавассути сабр ба даст меояд. Агар инсон тавонад аз тариқи сабру таҳаммул ҳавасҳо ва лаззатҳои шаҳвониятро мағлуб кунад, ин беҳтарин ва бебаҳотарин пирӯзӣ ва зафари вай бар зулму ситам ва бадӣ хоҳад буд, чунки инсон бо нафси хеш ҳамеша дар корзор аст ва маънои сабр ин пойбарҷой доштан дар муқобили ҳавову ҳавас аст:

***Гарат чу Нуҳи Набӣ сабр ҳаст***
***дар ғами тӯфон,***
***Бало бигардаду коми***
***ҳазорсола барояд.***

Бесабаб нест, ки бузургони мо дар таърифи фазилати сабр гуфтаанд, ки сабр -**"хашм фурӯ хурдан ва бурдборӣ бар нокомӣ"** мебошад. Ба ибораи дигар сабр ҷое бувад, ки дар он ҷо ҷанг аст ва ҷанг дар ҷое бувад, ки ду лашкаре дар муқобили якдигар қарор гирифта, ҳар кадом барои мағлубияти ҳарифи худ дар талош аст.

Агар яке аз ин лашкарҳо **"хайр"** бошад, дуввумӣ ҳатман **"шар"** мебошад.

Зиндагии инсон ҳамеша мубориза аст ва инсон ҷуз ба сабру сабот наметавонад ин қалъаро фатҳ кунад.

**Ов920 Оварданд, ки рӯзе яке аз умаро пеши подшоҳе истода буд ва шоҳ ба ӯ дар муҳиме мушоварат мефармуд. Қазоро каждуме дар пероҳани ӯ афтода буд ва ҳар соат амирро мегазид ва ба неши заҳролуди худ зарар мерасонид, то вақте ки неши вай аз кор биафтод ва ҳар заҳре, ки дошт ба кор бурд. Ва он амир мутлақо дар он машоварат қатъи сухан накард ва тағйире дар ӯ зоҳир нашуд ва суханаш аз қонуни ақлу ҳукумат инҳироф наёфт. То ба хона омад ва он каждумро аз ҷома берун кард. Ин хабар ба подшоҳ расид, мутааҷҷиб ва мутаҳайир гашт. Рӯзи дигар, ки амир ба мулозимати султон омад, фармуд, ки дафъи зарар аз нафс воҷиб аст. Ту чаро дирӯз озори ақрабро аз худ мундафеъ насохтӣ? Ҷавоб дод, ки ман он наям, ки шарафи муколамаи чун ту подшоҳеро ба сабаби алами заҳри каждуме қатъ кунам ва агар имрӯз дар маҷлиси базм бар неши каждуме сабр натавонам кард, фардо дар маъракаи разм ба теғи заҳробдодаи душман чӣ гуна сабр тавонам кард?**

**Подшоҳро ин сухан хуш омад ва мартабаи ӯро баланд гардонид ва бад-он миқдор сабр, ки кард ба муроду мақсад расид.**

Сабр дар маҷмӯъ аз ду ҷинс иборат буда, яке аз онҳо шаҳват ва дигари он хашм ба шумор меравад. Ин ду разилати нафсонӣ ба сари инсон чӣ балоҳоеро меоранд, ки одам аз онҳо бехабар аст. Аз ин рӯ, гуфтаанд: **"Инсон наёбад он чи хоҳад, то сабр накунад бар он чӣ нахоҳад".**

Сабр ҳамчун ганҷе аз ганҷҳои бузург барои инсон танҳо аз донишу маърифати баланд ва таҷрибаи зиёд пайдо хоҳад шуд, зеро кирдорҳои инсон, ки боиси феълу амали вай ҳастанд аз пиндори ӯ сар мезананд. Ҳамин аст, ки бузургон ҳамеша таъкид мекарданд, ки **"кирдори инсон дар меҳнат сабр аст".**

Дар воқеъ ҳеҷ чиз душвортар аз сабр нест, зеро дар зиндагии рӯзмарра дар тамоми ҳолатҳо барои инсон чизе намерасад. Шояд аз неъматҳои дунё баҳраманд бошад, лекин сиҳатии вай хуб нест ва ё баръакс умуман дар байни тамоми зуҳурот баъзе чизҳое ҳастанд, ки мувофиқи хоҳиши инсон ва баъзе чизҳое ҳастанд, ки мухолифи хоҳиши вай мебошанд. Ҳамеша мувофиқи хоҳиши вай молу неъмату ҷоҳ ва тандурустиву зану фарзанди бамурод ба ҳисоб меравад . Мухолифи хоҳиши вай бошад бало ва мусибатҳо, ки ба ихтиёр ва иродаи инсон вобаста нестанд.

Бисёр мусибатҳоро бар сари инсон забони ӯ меорад. Аз ин рӯ, сабр дар забон хеле душвор мебошад, зеро забон ҷунбонидан аз сабр кардан ба маротиб осонтар аст. Чун инсон дар зиндагии рӯзмарра бисёр гуфта гирад, ин барояш дар аввал унс шуда, баъдан ба одат табдил меёбад ва билохира асли табиати инсон хоҳад шуд. Чунин одат яке аз лашкарҳои Иблис аст. Ба ҳамин сабаб забон дар ғайбату дурӯғ ва сано хондан ба худ ва бад кардани дигарон хеле равон мешавад. Дар ҳар як калима, ки ба сари забон меояд, сабр кардан мушкил хоҳад буд. Барои ҳамин бесабриҳо дар рӯзгор ба сари инсон ранҷҳои бешуморро ба бор меорад. Дар баъзе ҳолатҳо бе ихтиёри одам сухану забони ӯ боиси ранҷиши дигарон мегардад. Дар баъзе ҳолатҳои дигар сухани хасмона сабаби дилтангии одамон мешавад, лекин дар кадом ҳолате набошад сабр хуб аст, зеро худи ӯ талх, вале меваи он хеле ширин ва дилрабо аст.

Шарро ба шар муқобала кардан лозим нест, балки ба қавли Исо Паёмбар **"агар касе ба рӯи чапи шумо зад, ҳатман бояд тарафи рости онро пеш дошт"**. Ба ибораи дигар бузургон ҳамеша таъкид мекарданд, ки **"ҳарки шуморо маҳрум гузорад, шумо вайро ато диҳед ва ҳар ки ба шумо зиштӣ кунад, шумо ба вай накӯӣ кунед".** Ин шакли муносибат инсонҳоро таҳаммулгаро ва ҷомеаро орому дӯстиву рафоқатро мустаҳкам хоҳад кард.

Ҳодисаҳое чун марги падару модар, фарзанду наздикон, аз даст додани молу табоҳ шудани узви бадан аз ҷумлаи балоҳои осмонӣ мебошанд, ки танҳо бо сабр пушти сар мешаванд. Аз ин рӯ, ҳеҷ инсоне дар беморӣ набояд гила кунад, вай баръакс бояд мусибатро пинҳон дорад, дар он сурат сабр инсонро аз дидори дард ғофил хоҳад кард. Агар ба сари одаме мусибате омад ва ӯро ба дил андӯҳгин сохт-фазилати сабр ӯро аз бонг задан ва ҷома даридан нигоҳ медорад. Дар байни мардуми тоҷик агар мусибате ба сари одаме ояд ӯро ба **"сабри ҷамил"** даъват мекунанд, маънои он ин аст, ки соҳиби мусибат бояд аз дигарон фарқ карда нашавад, зеро ҷома даридан, бар рӯй задан, онро хуншор кардан ва бонг задан мусибатро аз байн нахоҳад бурд. Дар робита ба ин ҳакимони пурдон гуфтаанд: **"Худо бандаро биофарид бе ту ва боз бибарад бе ту".**

Инсон дар ҳеҷ ҳолате аз сабр бениёз нест.

**А. АРДАШЕР**


Обуна-2016

- **Агар аз муҳимтарин воқеоти кишвар ва ҷаҳон огоҳ шудан хоҳед,**
- **Агар бо чеҳраҳои мондагори сиёсиву фарҳангӣ ва таърихӣ аз наздик ошно шудан хоҳед,**
- **Агар аз дастовардҳои илмӣ, техникӣ ва дигар соҳаҳо воқиф шудан хоҳед,**
- **Агар ба мушкилот ва масъалаҳои доғу мубрами ватани худ бетараф нестед,**
- **Агар мавқеи ҲХДТ-ро дар ҷомеа устувор дидан хоҳед, пас,**

**ба ҳафтаномаи**

НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

**МИНБАРИ ХАЛҚ**

www.minbari.halk.tj
E-mail: minbarihalk@hhdt.tj

**обуна шавед!**

## МУШТАРИЁНИ ГИРОМӢ!

Маблағи обуна ба ҳафтанома 90 сомониро ташкил дода, метавонед онро ба тариқи нақдӣ ва ғайринақдӣ ба суратҳисоби ҲХДТ, ба воситаи шуъбаҳои "Амонатбонк" гузаронед...

**СУРАТҲИСОБИ МО:**

**ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН**
**ИНН** 020001728, **С/Ҳ** 20202972000473101000,
**Кор/сч.** 20402972316264 **МФО** 350101626.
Дар идораи амалиёти БДА ҶТ-**"Амонатбонк"**

**СУРОҒАИ МО:** ш. Душанбе, маҷмааи **"КОХИ ВАҲДАТ",** ошёнаи 2.
**ТЕЛЕФОН: 224-49-29, 224-83-72**


### ЭЪТИБОР НАДОРАД

Дипломи серияи СТ1-№380162, ки омӯзишгоҳи педагогии шаҳри Панҷакент соли 1992 ба Насруллоева Мадина Юсуфовна додааст, бинобар гум шуданаш эътибор надорад.


**Доир ба масъалаҳои реклама, PR-мақола ва эълон дар ҳафтанома ба рақами 93-505-00-46 занг занед. Масъули бахш Набӣ Юсупов**



НАШРИЯИ МАРКАЗИИ ҲИЗБИ ХАЛҚИИ ДЕМОКРАТИИ ТОҶИКИСТОН

**МИНБАРИ ХАЛҚ**

www.minbari.halk.tj
E-mail: minbarihalk@hhdt.tj

*Сармуҳаррир*
**Бахтиёр ҲАМДАМОВ**

*Рӯзнома моҳи декабри соли 1994 таҳти рақами 309 дар Вазорати фарҳанги Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайд гирифта шудааст.*
Ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешаванд, ки идораи рӯзнома зимнан метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.
*Идораи нашрия навиштаҳои муаллифонро дар шакли электронӣ дар ҳаҷми то 4 саҳифаи ҳуруфи Times New Roman tj 14 қабул мекунад.*

**БАРОИ МАЪЛУМОТ:**

**Дастгоҳи КИМ ҲХДТ** - *тел:* 224-23-90, 224-83-72, 224-49-29, 221-63-21. *факс:* 224-27-59

**Идораи рӯзнома** *тел.* 238-72-10, 238-54-61, 238-79-07, *факс:* 227-44-94

**www.tribun.tj** **E-mail: minbarihalk@bk.ru**

**ҲАЙАТИ ЭҶОДӢ:**
**Котиби масъул:** Маъруфҷон Маҳмудов
**Муҳаррири масъул:** Алиҷон Ҷӯраев
**Хабарнигорон:** Солеҳ Юсуфов, Азамат Дӯстов, Ҳуринисо Ализода, Ибодуллоҳи Тоҳир, Гулҳаё Мадимарова
**Масъули чоп:** Мирзоалӣ Юнусов
**Ҳуруфчинон:** Ҷамила Аҳмадова, Гуландом Раҷабова
**Мусаҳҳеҳ:** Сабоҳат Худоёрбекова,
**Суратгир:** Тӯхтамурод Рӯзиев
**Саҳифабанд:** Фирдавс Таушаров

**НИШОНИИ МО:**
*734018, ш. Душанбе, хиёбони Саъдии Шерозӣ, 16.*
*Индекси обуна: 68910*

**Макони чоп: нашриёти «Шарқи озод».**

**Теъдоди нашр: 48952 нусха**



**Навбатдор: И.ТОҲИР**